БЕШ АЗ 20 КУШТАВУ МАҶРУҲ ДАР ВМКБ с.2

ХОВАЛИНГ. ҲАЙКАЛИ САЙДАЛӢ ВАЛИЗОДА КУҶО ШУД? с.8

РЕКОРДИ ПОШХӮРИИ ОИЛАҲО ДАР ТОҶИКИСТОН с.4

ТОҶИКИСТОН

№7 (1518)
15.02.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



НИГАРОНИИ РАМАЗОН РАҲИМЗОДА:

АЗ ХАТАРИ ТЕРРОРИЗМ ТО АФЗОИШИ ҲАМҶИНСГАРОЙ



ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

БОНКИ НИЗОМСОЗ
Аз афзоиши сармоя то қарзҳои имтиёзнок дар Амонатбонк с.9

НИГАРОНӢ
Лимити барқ кай бардошта мешавад? с.7

БОБОҶОН ҒАФУРОВ
Ҳаҷ рафту аз мансаб маҳрум шуд с.5

ҲУШДОР
4 ҳазор террорист дар марзи Тоҷикистон с.4

ҲАМАДОНӢ
Ҳам ҷиноят афзуду ҳам содирот с.8

НОМУСИ ТОҶИКӢ
Алоқаи ҷинсӣ барои "Айфон"... с.11

ВАРЗИШ
Киҳо беҳтаринҳои соли 2022 шуданд? с.10

КАНЗИ ШИФО
6 одате, ки ҷаҳонро зиндон мекунад с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

БЕШ АЗ 20 КУШТАВУ МАҶРУҲ ДАР ХОРУҒ

Бар асари бориши зиёди барф ва фаромадани тармаҳо дар шаҳри Хоруғ чанд хонаи истиқоматӣ ва биноҳои маъмурӣ зери барф мондаанд.

Бино ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Тоҷикистон, тармаҳо тақрибан соати 10:00-и 15-уми феврал ба вақти маҳаллӣ фаромада, чандин хонаро зер кардаанд. Чандин нафар зери тарма монда, ба ҳалокат расидаанд. КҲФ аз марги 8 нафар ва маҷруҳ шудани 12 нафар хабар медиҳад, ки феълан дар бемористон қарор доранд.

Гуфта мешавад, ки ҳоло дар ҷои ҳодиса наҷотдиҳандагон кор карда истодаанд. Дар асоси наворҳое, ки шоҳидони ҳодиса дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардаанд, сокинони маҳаллӣ низ ба бартарафсозии оқибатҳо машғуланд.

Хабарро дар сомонаи pressa.tj пайгирӣ кунед.

140 МЛН ДОЛЛАР ДАРОМАДИ ТАЛКО

- Дар соли 2022 истеҳсоли алюминийи аввалия дар Тоҷикистон 62 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки 2,5% зиёдтар нисбат ба нишондиҳандаи соли 2021 аст,- хабар дод Завқӣ Завқизода - вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон зимни нишасти матбуотии рӯзи 14-уми феврал дар Душанбе.

Ба гуфтаи ӯ, соли гузашта ҷумҳурӣ 51 ҳазор тонна алюминийи аввалияро ба маблағи 140 млн доллар ба хориҷи кишвар содир кардааст.

Вазир зикр кард, ки аз лиҳози нарх содироти алюминийи аввалия дар соли гузашта ба андозаи 3,6% зиёд шуд.

Завқизода таъкид дошт, ки соли 2022 дар ҳаҷми 80 ҳазор тонна истеҳсоли алюминийи аввалия ва 50 ҳазор тонна содироти он пешбинӣ гардида буд.

Ӯ илова намуд, ки соли ҷорӣ истеҳсоли ҳудуди 100 ҳазор тонна алюминийи аввалия дар назар аст.

Қобили зикр аст, ки ба истеҳсоли ин навъи фулузот (металл) дар Тоҷикистон ҶСК "Ширкати алюминийи тоҷик" (ТАЛКО) - яке аз бузургтарин корхонаҳои ин соҳа дар паҳнои ИДМ ва ягона тавлидгари алюминий дар Осиёи Марказӣ машғул аст.

КУҲАНСОЛОНИ ТОҶИКИСТОН КИҲОЯНД?

Дар қалamрави Тоҷикистон феълан 72 нафар одамони аз 100-сола боло зиндагӣ мекунанд. Дар ин бора Ҷамшед Нурмуҳаммадзода - раиси Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон хабар дод.

"Дар миёни онҳо 34 мард ва 38 зан ҳастанд",- афзуд Нурмуҳаммадзода. Дар ҳамин ҳол, вай афзуд, ки тибқи омор, ба санаи 1-уми январи соли 2023 шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон 10,07 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Ба ин шумора ҳам тоҷикон ва ҳам ақаллиятҳои миллӣ - ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва намояндагони дигар миллатҳо дохил мешаванд.

Ба иттилои мавсуф, ҳоло дар кишвар зиёда аз 5 миллион қувваи корӣ ҳаст, ки аз ин шумора 2,5 миллионро қувваҳои корияи фаъол ва 53 ҳазорро бекорон ташкил медиҳанд.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



Мануэл П. Микаллер, сафири нави Амрико дар Тоҷикистон

САВГАНДИ САФИРИ НАВИ АМРИКО ДАР ТОҶИКИСТОН

Маросими савгандёдкунии сафири нави Амрико дар Тоҷикистон Мануэл П. Микаллер баргузор шуд. Ин маросим дар Департаменти давлатии ИМА 14-уми феврал сурат гирифтааст.

Дар саҳифаи намояндагии дипломатӣ дар "Фейсбук" зикр мегардад, ки "ӯ бо таҷрибаи сиолаи фаъолияти дипломатӣ ва ба ҳайси мутахассиси масоили Осиёи Марказӣ, малакаи раҳбарӣ ва тахассуси лозимаро дорад, то барои таҳкими равобити ИМА ва Тоҷикистон саҳми муассир гузорад".

Мануэл П. Микаллер дар мансаби сафири ИМА дар Тоҷикистон Ҷон Марк Поммершаймро иваз намуд, ки аввали соли 2019 ба ин мансаб таъин шуда буд.

То таъинот ба ин вазифа Поммершайм ба ҳайси муовини роҳбари намояндагии дипломатии ИМА дар Остона (солҳои 2015-2018) фаъолият дошт.

Мануэл П. Микаллер қаблан дар сафоратҳои ИМА дар Непал, Муғулистон, Марокаш ва Тоҷикистон ифои вазифа намуда, дар Департаменти давлатӣ вазифаи баландро бар зимма доштааст.

Мануэл П. Микаллер ҳанӯз 22-юми июни соли 2022 бо фармони Президенти Амрико Ҷо Байден сафири Амрико дар Тоҷикистон таъин шуда буд. Дар назар аст, ки Мануэл П. Микаллер рӯзҳои наздик барои идомаи фаъолияти дипломатиаш озими шаҳри Душанбе гардад.

САРИ САБЗ



Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиш

- Мо ба Расул Боқиев мурочиат карда, гуфтем, баргардед, мо шароит фароҳам меорем, аммо Расул Боқиев гуфт, не, ман ин ҷо - дар Русия шароит сохтам ва ин ҷо мемонам.

- Амали нек анҷом додаед, раис, аммо ӯҳам дуруст гуфтааст. Монед ҷойи гармашро хунук накунад. Боз аз он ҷо мондаву аз ин ҷо ронда нашавад. Куҷое бошад, тоҷик буданаш кофист.



Гулнора ҲАСАНЗОДА, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

- Имрӯз дар Тоҷикистон 19 ҳазор ҷойҳои кории холӣ ҳаст. Дар сохтони НБО "Роғун" ба зиёда аз 2 ҳазор нафар коргарони ихтисосҳои гуногун ниёз доранд. Ситод оид ба ҷалби кадрҳо ба сохтмони НБО "Роғун" таъсис дода шудааст.

- Эҳа, ҷойи кори холӣ хело зиёд будааст ку! Ё гуфтаниед, ки шумораи бекорон каманд ва барои ҳамин ҷойҳои корӣ холӣ мондаанд?



Бахтиёр ҚОСИМОВ, сардори Раёсати фарҳанги вилояти Суғд

- Минбаъд ҳар моҳ ду маротиба сурудҳои сарояндаҳо дар Шӯрои бадеӣ, ки роҳбари он муовини раиси вилоят Зайнура Азимӣ аст, мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Агар матн ва оҳанг хуб бошад, баъд барои пахш дар телевизиону радио иҷозат дода мешавад.

- Хуб дарк накардем шуморо, рафиқ сардор, сурудҳои сарояндаҳои саросари кишвар баррасӣ мешаванд, ё фақат аз вилояти Суғд? Манзур ин ки, Шӯрои бадеӣ набояд тобеи Вазорати фарҳанг бошад?

НИГАРОНИИ РАМАЗОН РАҲИМЗОДА

Аз хатари терроризм то афзоиши ҳамҷинсгароӣ

Санаи 15-ум феврали соли равон нишасти матбуотии Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон баргузор шуд. Вазири корҳои дохилии кишвар Рамазон Раҳимзода ба суолҳои хабарнигорон посух гуфт. Мавзуҳои меҳвории ин нишастро пешкаши шумо мекунем.



1. Азнавбақайдгирии симкортҳо тамдид шуд

Дар Тоҷикистон муҳлати азнавбақайдгирии симкортҳо, ки пас аз тамдид то 15-уми феврали соли 2023 муқаррар гардида буд, барои як соли дигар дароз карда шуд.

Тибқи иттилои Хадамоти алоқаи кишвар, дар аввали моҳи январи соли 2023 шумораи симкортҳое, ки марҳилаи азнавбақайдгириро гузаштанд, 5,56 млн-ро ташкил менамуд. 2 млн симкорт бошад, марҳилаи азнавбақайдгириро нагузашта будаанд, ки аз ин шумора, 880 ҳазори он фаъол аст.

Азнавбақайдгирии симкортҳо моҳи феврали соли 2019 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ҳатмӣ гардидааст. Операторҳои алоқаи мобилии кишвар уҳдадор гардиданд, ки то 15-уми августи ҳамон сол симкортҳои муштариёнро бо шиносномаҳои коғазии намунаи соли 1999 бо кортҳои идентификатсионӣ (ID-шиносномаҳо)-и намунаи соли 2014 дубора ба қайд гирад. Бо як шиноснома на зиёдтар аз ду симкорт сабти ном карда мешавад.

2. Афзоиши ҳамҷинсгароӣ сабаби афзоиши СПИД

Рамазон Раҳимзода - вазири корҳои дохилии Тоҷикистон зимни нишасти матуботӣ бо рӯзноманигорон аз афзоиши ҳамҷинсгароӣ дар кишвар изҳори нигаронӣ кард. Ба гуфти вазир, ҳамҷинсгароён яке аз омилони асосии афзоиши бемории ВНМО дар кишвар будаанд.

“Мушкилоти асосии ҷомеаи мо паҳншавии бемории Вируси норасоии маснуияти одам, яъне СПИД аст. Мо бо Вазорати тандурустӣ нақшаи мушатарак дорем ва бо хурӯчи ин беморӣ мубориза мебарем. Сабаби якум ва асосӣ истеъмоли маводи мухаддир аст, ки ба воситаи сӯзандору мегузаронанд. Дуюм фоҳишагарӣ аст. Сеюм ҳамҷинсгароист, ки имсол зиёд ба қайд гирифтем. Танҳо дар шаҳри Душанбе соли равон 10 нафар ҳамҷинсгаро боздошт шуданд, ки дидаву дониста 86 нафарро сироят кардаанд”,- гуфт вазир.

Ёдовар мешавем, дар қаламрави Тоҷикистон аз замони фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин сӯ 14 540 нафар шаҳрвандони мубтало ба ВНМО сабти ном шудаанд.

3. “Мо омодаем!”

Рамазон Раҳимзода - вазири корҳои дохилии Тоҷикистон изҳороти Анатолий Сидоров, сардори ситоди муттаҳидаи Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамӣ (САД)-ро дар робита ба ҳузури тақрибан 4 ҳазор ҷангҷӯи ДОИШ дар марзи Афғонистону Тоҷикистон (нигаред ба саҳ. 4,- ред.) шарҳ дод ва гуфт, ки онҳо ба ҳама таҳдид омодаанд.

Ӯ дар ҳузури рӯзноманигорон гуфт, ки дар якҷоягӣ бо мақомоти масъули қудратӣ дар робита ба таъмини бехатарӣ дар марз нақшаи чорабиниҳо доранд ва дар сурати таҳдид метавонанд аз он истифода кунанд.

“Яке аз вазифаҳои муҳими зерсохторҳои мо ҳамроҳи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадотӣ ва дигар мақомоти қудратии масъул таъмини бехатарӣ дар марз аст. Мо ҳамеша тайёр ҳастем, дар чунин ҳолатҳо нақшаи чорабиниҳои якҷоя ҳаст ва мо омадаем, ки дар ҳолати зарурӣ амал кунем”,- гуфт Рамазон Раҳимзода.

Ӯ бо ишора ба изҳороти Анатолий Сидоров гуфт, ки “дар ҳолати зарурӣ, ҳамчунин қувваҳои САД низ бо мақсади дастгирии сарҳад дастбакор мешаванд”.

Рӯзи 14-уми феврали соли равон сардори ситоди муттаҳидаи Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамӣ (САД) дар нишасти хабарие гуфт, ки теъдоди ҷангҷӯёни ба ном “Вилояти Хуросон”, бахши афғонистонии созмони террористии “ДОИШ” то ҳудуди 6,5 ҳазор афзуда, тақрибан 4 ҳазор ҷангҷӯй дар марзи Афғонистон бо Тоҷикистон дар вилоятҳои Бадахшон, Қундуз ва Тахор ҷамъ шудаанд.

▸▸ *Аз нишасти матбуотӣ*

▸▸ *Мавқеъ*



Адаш ИСТАД

РЕШАШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ

Решашиносии миллӣ илмест, ки бунёди менталитети миллатро ҳифз мекунад ва аз вайроншавӣ бозмедорад. Агар дар кишвар донишмандони асили ин илм набошанд, миллат завол меёбад ва агар шакл нагирифта бошад, ҳеҷ гоҳ комил нахоҳад шуд.

Решашиносии миллӣ рукни асосии бақои миллат аст. Танҳо решашиносии миллӣ муайян хоҳад кард, ки аз осори фарҳангӣ ба кадом асарҳо аввалият бояд дод, дар барномаи таълим асосан бояд чиҳо бошанд, маъракаҳо дар асл чӣ хел бояд бошанд ва бисёр тарафҳои гуногуни зиндагӣ.

Агар аз мероси мусиқӣ мисол орем, бояд биандешем, ки аввалиятро ба “Шашмақом”-и 1400-солаи Борбадӣ диҳем ё мусиқии нави муосир? Аввалиятро дар насру назми классикӣ ба “Шоҳнома” диҳем ё ба асарҳои дигар мисли “Гурӯғлӣ”?

Агар илми решашиносии миллӣ масъалаҳои дигари марбут ба доираи худро равшан муайян мекард, бисёр нофаҳмиҳо ва баҳсҳо байни маҳалгароён барҳам хӯрда, дар миллат вахдати том ба вуҷуд меомад.

(Давомаш дар саҳ.6)

ВАЗИР: ШАШГОНИКҲО НОРАСИД БА ДУНЁ ОМАДА БУДАНД



Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки шашгоникҳои дар вилояти Суғд фавтида норасид ба дунё омада будаанд.

«Шашгоникҳо аз тавалуди бармаҳал фавтидаанд. Дар тавалуди бармаҳал чор дараҷа вуҷуд дорад, ки дараҷаи норасоии чорум аз кам будани вазнашон мебошад»,- гуфт вазир.

Ҳамчунин, Ҷамолиддин Абдуллозода изҳор дошт, ки дар робита ба фавти шашгоник се корманди тавалудхонаи вилоятии Суғд, ки дар ҷараёни тавалуди навзодон ба “хатои техникӣ” роҳ додаанд, муҷозот шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки фавти кӯдакон дар сатҳи ҷумҳурӣ тамоюли пастравӣ дорад.

Дар робита ба маоши табибон ва ҳамшираҳо вазири тандурустӣ гуфт, баъзе табибоне ҳастанд, ки то 3,5 ҳазор сомонӣ маош мегиранд. Маоши ҳамшираи тиб ба навбатдорӣ вобаста аст ва аз 1,5 ҳазор сомонӣ сар мешавад ва то 3 - 3,5 ҳазор сомонӣ мегиранд.

СОХТМОНИ 6260 ИНШООТ ДАР ХАТЛОН



Дар соли 2022 дар вилояти Хатлон иншооти таъиноти гуногун сохта шудаву мавриди истифода қарор гирифтаанд. Наздики 90 иншооти ба истифода додашуда ба соҳаи маориф рост меояд.

Амонулло Салимзода - муовини аввали раиси вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки барои дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохтмони 6 ҳазору 260 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Ӯ афзуд, ки дар соли сипаришуда бо харҷи бештар аз 156 миллион сомонӣ 2 ҳазору 969 километр роҳи мошингард таъмир шудааст. Ба таъкиди вай, зиёда аз 230 километр роҳ таъмири асосӣ ва боқимонда роҳҳо таъмиру сангфарш шудаанд. Ҳамчунин, бо дастгирии соҳибкорон бо харҷи зиёда аз 127 миллион сомонӣ кубурҳои фарсуда иваз шуда, пул ва роҳҳои мошингард таъмир карда шудаанд.

СОДИРОТИ МАҲСУЛОТ КОҲИШ ЁФТ



Тоҷикистон соли 2022 ба маблағи 2 миллиарду 142 миллион доллар маҳсулот содирот намудааст. Ин рақам нисбат ба соли 2021-ум 7,6 миллион доллар кам мебошад.

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ директори Агентии содироти назди Ҳукумати Тоҷикистон Баҳриддин Сирочиддинзода иттилоъ дод. Баҳриддин Сирочиддинзода иброз дошт, ки дар давраи соли гузашта ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ 2 миллиарду 88 миллион долларро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,3 миллион доллар ё 1,2 фоиз коҳиш ёфтааст.

Соли 2022-юм 66,7 ҳазор тонна пиёз ба маблағи 6769,1 ҳазор доллар содирот гардида, нисбат ба соли гузашта 29,2 ҳазор тонна кам мебошад. Айни замон содироти пиёз муваққатан манъ карда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки Тоҷикистон бо 110 мамлакат, аз ҷумла бо 10 мамлакати ИДМ ва 100 мамлакати хориҷи дур муносибати савдои хориҷӣ ба роҳ монда, аз ҷумла ба 52 давлат маҳсулот содирот кардааст.



БЕШ АЗ 40 ҲАЗОР ҚУРБОНӢ

Харобиовартарин фоҷеа дар Туркия ва Сурия

Теъдоди қурбониёни заминларза дар Туркия ва Сурия аз марзи 40 ҳазор нафар убур кард.

- Шумори ҳалокшудагон аз заминларза дар Туркия ба зиёда аз 35 ҳазор нафар расид,- хабар дод президенти ин кишвар Раҷаб Тайиб Эрдуғон.

“Ин рақам аз нишондиҳандаи заминларзаи соли 1939 зиёдтар буда, акнун фоҷеаи моҳи феврали соли равон дар таърихи муосири Туркия харобиовартарин дониста мешавад”,- менависад ВВС.

Гуфта мешавад, ки теъдоди умумии қурбониён дар Сурия бо шумули ҳалокшудагон дар минтақаи ошӯбгарон ва дар ноҳияҳои таҳти назорати ҳукумат ба 5 ҳазору 800 нафар расидааст.

“Шумораи умумии кӯдакони осебдида аз ду заминларза дар Туркия 4,6 млн нафарро ташкил медиҳад. Дар Сурия 2,5 млн нафар кӯдакон осеб диданд”,- хабар додааст ба рӯзномонигорон сухангӯи ЮНИСЕФ Ҷеймс Элдер.

Рӯзи сешанбе имдодгарон аз зери харобаҳо Муҳаммад Энес Енинари 17-соларо ҳамроҳи бародари 21-солааш Абдулбоқӣ пас аз 198 соати пас аз заминларза берун гирифтанд.

Ҳамчунин, рӯзи сешанбе дар Қаҳрамонмаръаш имдодгарон аз зери вайронаҳо як писар ва як мардро наҷот доданд. Онҳо 200 соатро зери вайронаҳо паси сар кардаанд.

Расонаҳои Туркия навиштаанд, ки имдодгарон то ҳол умедворанд дар чанд макони дигар, ки зери харобаҳо осори ҳаёт пайдо шудааст, наҷотёфтагонро пайдо кунанд.

Президенти Туркия Эрдуғон рӯзи сешанбе хабар дод, ки дар корҳои наҷотдиҳӣ ба сурати умум 249 ҳазор нафар иштирок доранд. Ба гуфтаи ӯ, дар ҳоли ҳозир беш аз 13 ҳазор нафар шаҳрвандони ин кишвар дар бемористонҳо табобат мегиранд.

Эрдуғон зикр кардааст, ки корҳои наҷотдиҳӣ дар манотиқи офати табиӣ то замони берун овардани охирин нафари зиндамонда аз зери харобаҳои биноҳои фурӯрехта идома хоҳад кард.

Дастаи наҷотдиҳандагони Тоҷикистон корҳои худро дар яке аз қитъаҳои душвори оқибатҳои заминларза дар Туркия - Қаҳрамонмаръаш идома медиҳад. Аз оғози корҳои наҷотбахшӣ ба гурӯҳи имдодгарони тоҷик муяссар шуд, ки 109 ҷасадро дарёфт ва берун гиранд. Дар ин муддат ба онҳо ҳамчунин муяссар шуд, ки аз зери тӯдаи оҳану хокпора одамони зиндаро наҷот диҳанд. Танҳо дар зарфи ду рӯз имдодгарони тоҷик се нафарро зинда наҷот доданд, ки ду нафарашон кӯдакони хурдсол мебошанд.

Бино ба маълумоти Кумита, дар мавзеъҳои таърихии Қаҳрамонмаръаш қариб ягон бинои бутун боқӣ намондааст.

▸▸ *Аз нишасти матбуотӣ*

Ҳушдори ОДКБ:

ДАР МАРЗИ ТОҶИКИСТОН 4 ҲАЗОР ҶАНГҶӮ ҶАМЪ ШУДААНД...

Шумораи ҷангҷӯёни “Вилояти Хуросон”, бахши афғонистонии созмони террористии “Давлати исломӣ” (ДОИШ) то 6500 нафар афзуда, тақрибан 4 ҳазор ҷангҷӯ дар марзи Афғонистон бо Тоҷикистон ҷамъ шудаанд.



Дар ин бора сардори ситоди муттаҳидаи ОДКБ генерал-полковник Анатолий Сидоров хабар дод. Ӯ рӯзи 14-уми феврали соли 2023 дар нишасти хабариаш гуфт, ки аксари ҷангҷӯёни ДОИШ дар марз бо Тоҷикистон, дар вилоятҳои Бадахшон, Қундуз ва Тахор ҷамъ шудаанд.

Сидоров гуфт, ки таҳдиди асосӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ аз тарафи гуруҳҳои ифротиён бармеояд, ки дар Афғонистон мавқеъ пайдо кардаанд. Ба ақидаи ин низомии баландпояи ОДКБ, ДОИШ ва Ал-Қоида хатарноктарин гурӯҳҳои террористӣ дар минтақа ҳастанд.

АЛМОСБЕК ОТАМБОЕВ ОЗОД ШУД



Президенти собиқи Қирғизистон Алмосбек Отамбоев рӯзи 14-уми феврали соли 2023 аз маҳбас озод шуд.

Отамбоевро дар назди дарвозаи маҳбаси №27 дар деҳаи Молдовановка дар канори Бишкек ҷамъи бузурге аз наздикону тарафдоронаш ва журналистон истиқбол гирифтанд. Ӯ гуфт, ки баъди озод шуданаш аз маҳбас барои табобат ба хориҷи кишвар меравад. Қарори озодии Отамбоевро Суди Олии Қирғизистон баровардааст.

Алмосбек Отамбоев аз соли 2011 то 2018 президенти Қирғизистон буд. Соли 2019 боздошт шуд. Ибтидо бар зидди ӯ дар маҷмуъ 7 парванда кушода буданд, вале дар 3 парванда ӯро сафед карданд ва танҳо дар парвандаи Батукаев ба 11 соли зиндон маҳкумаш карданд.

Азиз Батукаеви чеченитабор як шахсияти муътабар дар олами чиноӣ буд ва дар Қирғизистон зиндагӣ мекард. Мақомоти Қирғизистон соли 2013 ба далели “хеле бад будани вазъи саломатиаш” аз маҳбас озод карданд. Отамбоев барои ҳамин пушти панҷара афтод, ҳол он ки, пайравонаш парвандаи ӯро сиёсӣ арзёбӣ мекунанд.

МУҲОҶИРАТ БА БРИТАНИЯ ВА КОРЕЯ



Давоми соли 2022-юм 383 шаҳрванди Тоҷикистон ба Британияи Кабир ва 58 нафар ба Корея барои кор фиристода шудаанд. Дар ин бораи Гулнора Ҳасанзода - вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ӯ дар идома гуфт, муҳоҷироне, ки як маротиба ба ин кишвар рафта омаданд, то 6 моҳ ҳуқуқ надоранд дубора ба кор раванд. “Муҳоҷироне, ки рафта омаданд, аз маош ва шароити корӣ хеле қаноатманданд”,- иброз дошт вазири меҳнат ва муҳоҷират.

Ҳамчунин, вазир аз афзоиши эълонҳои қалбакӣ шаҳрвандонро огоҳ кард: “Сафорати Британияи Кабир дар Душанбе раводид умуман намедиҳад. Хоҳишмандон нахуст бояд ба Марказҳои машварат ва омодакунии муҳоҷирони кории Хадамоти муҳоҷирати Тоҷикистон мурочиат кунанд”.

Ҳамчунин, дар нишаст иттилоъ дода шуд, ки 58 нафар мутахассиси соҳаи кишоварзӣ моҳи августи соли 2022 ба Корея фиристода шудаанд.

РЕКОРДИ ПОШХӮРИИ ОИЛАҲО ДАР ТОҶИКИСТОН



Соли 2022 дар Тоҷикистон 13 ҳазор ҳолати бекор шудани ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки 162 ҳолат зиёдтар нисбат ба соли 2021 аст.

Дар ин бора раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи чумҳурӣ Ҳилолбӣ Қурбонзода хабар дод.

Ӯ сабабҳои вайроншавии оилаҳоро дар мушкилоти маишиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, нофаҳмиву ихтилофҳо дар оила ва дигар сабабҳо медонад. “Саабаби дигари азҳампошии оилаҳо нияти шаҳрвандии Русияро гирифтани шавҳарон мебошад, яъне мардон расман ақди никоҳи худро бо занҳояшон бекор мекунанд, то ки дар Русия ақди никоҳи қалбакӣ банданд ва дар ҳамин ҳол, зиндагиашонро бо ҳамсарашон дар Тоҷикистон тибқи никоҳи мусулмонӣ идома медиҳанд”,- шарҳ дод раиси Кумита.

Ҳилолбӣ Қурбонзода аз ҷумла хабар дод, ки Кумита дар ин бора аз вилояти Хатлон, водии Рашт ва ВМКБ маълумоти дахлдор ҷамъоварӣ кардааст.

“Тавре маълум шуд, соли гузашта дар вилояти Хатлон бо мақсади гирифтани шаҳрвандии Русия 804 оила, дар Рашт 103 ҷуфт ва дар ноҳияи Ванҷ 31 ҷуфт ақди никоҳашонро бекор кардаанд”,- изҳор дошт роҳбари Кумита.

МУСТАНАДИ “ТОҶИКФИЛМ” ДАР БОРАИ ҚУРБОНИЁНИ МАРЗ



Киностудияи давлатии “Тоҷикфилм” дар бораи қурбониёни низоъҳои марзӣ филми мустанад ба навор гирифтааст. Дар ин бора директори Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” Маҳмадсаид Шоҳиён зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ӯ гуфт, филми мустанад дар бораи 17 нафар сарбозону афсароне, ки ҳангоми ҳифзи марзу буми Ватан ҷон додаанд, аллакай омода шудааст ва рӯзҳои наздик тариқи телевизион пахш мешавад. Муаллифи филм Шаҳбози Аброр - коргардони ҷавон будааст.

Таҳияи филм дар ҳолест, ки қаблан мақомоти Тоҷикистон чандин маҳалу мактабҳоро ба номи сарбозони ҷонбохта гузошта буданд.

Парлумони кишвар ҳам соли гузашта Қонун “Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан”-ро қабул кард, ки ҳадафи он гиромидошти хотираи шахсони ҳангоми ҳифзи Ватан, ҳимояи сохтори конститутсионии кишвар ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ҳалокшуда мебошад.

Интизорӣ

МУШКИЛ ИЗИ АНГУШТ

Шиноснома ва патенти Русия кай дар Душанбе дода мешавад?



- Ифтитоҳи намояндагии Хадамоти шиноснома ва раводиди Вазорати корҳои дохилии Русия дар ояндаи наздик дар Тоҷикистон баргузор мешавад,- гуфт муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ Шаҳноза Нодирӣ.

Тавре вай таъкид кард, мавҷуд набудани канали ягонаи интиқоли маълумоти шахсӣ монеа дар роҳи таъсиси намояндагӣ боқӣ мемонад.

Сухан дар бораи изи ангуштони шахрвандони Тоҷикистон меравад, ки тибқи қонун, он метавонад дар шакли электронӣ танҳо тавассути канали алоқаи бехатар ирсол шавад.

"Дар ояндаи наздик бо ҳалли ин масъалаҳои техникӣ мо ба ифтитоҳи намояндагӣ наздик мешавем",- гуфт муовини вазир.

Ифтитоҳи намояндагии Хадамоти шиноснома ва раводид ба шахрвандони Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳатто қабл аз вуруд ба Федератсияи Русия асноди зарурӣ, аз қабили патент барои кор ва шаҳодатномаи донистани забони русӣ ва қонунгузории Русияро дарёфт кунанд.

Илова бар ин, дар ин марказ метавон аз муоинаи тиббӣ ва сабти изи ангуштон, инчунин машварат дар бораи вуруд ва будубош дар Русия гузашт.

Мавриди ба зикр аст, ки қарордод дар ин самт миёни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии федералии “Хадамоти шиноснома ва раводид”-и Вазорати корҳои дохилии Русия октябри соли 2022 баста шуда буд.

Харҷ барои тайёр кардани қурутоб дар Тоҷикистон чӣ қадар аст



Тасмим

ҚАРОРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Рӯзи Артиши миллӣ ва модар чӣ гуна таҷлил мешавад?

Шаҳри Душанбе Рӯзи Артиши миллӣ ва модарро бо тантана таҷлил мекунад. Дар ин бора Қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба имзо расид.

Кумитаи тадорукот таҳти раёсати ноиби шаҳрдори Душанбе Дилбар Одилзода омодагиҳо ба ҷашни Рӯзи артиш - 23-юми феврал ва Рӯзи модар - 8-уми мартро баррасӣ кардааст.

Ноиби шаҳрдори Душанбе пеши масъулин барои иҷрои нақшаи чорабиниҳо ва дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани ин ду ҷашн вазифа гузоштааст.

Мавриди ба зикр аст, ки 23-юми феврали соли равон аз рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон расо 30 сол пур мешавад. Бахшида ба ин солгард конфронсҳои илмӣ-амалӣ, озмунҳои фарҳангӣ- фароғатӣ, маросими қадрдонии хизматчиёнӣ ҳарбӣ барои хизматҳои арзандаву бенуқсон дар сафи артиш бо медалу ифтихорномаҳо дар назар аст. Ҳамчунин тақдими рутбаҳои навбатии ҳарбӣ, таҳия ва пешниҳоди барномаҳои консертӣ, намоиши аксу мусаввараҳои таърихӣ аз бандҳои дигари барномаи ҷашнӣ мебошанд.

Тамос

Гӯшаи нави “Пойтахт” дар ҳафтаномаи “Тоҷикистон” фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед.

E-MAIL: tojikiston@pressa.tj

ТЕЛ: 93-111-08-61

Аз нишасти матбуотӣ

КИҲО БА МАНСАБИ ДАВЛАТӢ НОМУВОФИҚАНД?



Дар Тоҷикистон 196 нафар хизматчии давлатӣ тибқи хулосаҳои комиссияи аттестатсионӣ ба мансаби ишғолнамудаашон номувофиқ дониста шудаанд.

Дар ин бора директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъа Давлатов зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Инчунин, аз 2592 нафар хизматчиёни давлатии ба аттестатсия фарогирифта 2396 нафар ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ баҳогузорӣ карда шудаанд.

Дар нишаст тазаккур дода шуд, ки аз натиҷаи мониторинги ҳолати ҷойивазкунӣ дар соли 2022 (аввали соли 2023 ҷамъбаст гардид) муайян карда шуд, ки соли 2022-юм 34 нафар кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти марказӣ ба ротатсия фаро гирифта шудаанд. Аз маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ муайян карда шудааст, ки ба ҳолати якуми январи соли 2023 дар мақомоти давлатӣ, ба истиснои ишғолкунандагони мансабҳои сиёсӣ 169 нафар хизматчиёни давлатии ба ротатсия фарогирифташаванда фаъолият доранд.

ҲАҶ РАФТУ АЗ МАНСАБ МАҲРУМ ШУД



Ҳусейнхон Ҳакимов - сардори шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ноҳияи Бобоҷон Ғафуров пас аз адои Ҳаҷи умра аз вазифа сабукдӯш шуд.

Нусратулло Салимзода - раиси тозатаъини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ӯ худсарона ва бемувофиқа ба Ҳаҷи умра рафтааст.

Ҳусейнхон Ҳакимов моҳи январи соли ҷорӣ ба Ҳаҷи умра рафта, пас аз бозгашт аз вазифа барканор гардидааст. Аз кор озод кардану ба кор қабул кардани сардори шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ноҳия ба салоҳияти раиси ноҳия ворид мешавад.

Ёдовар мешавем, ки ҳамасола аз Тоҷикистон ба зиёрати Ҳаҷ ҳазорон нафар сафар мекунанд. Арабистони Саудӣ ҳамчун мизбон ҳамасола барои кишварҳо квотаи мушаххас ҷудо мекунад ва имсол барои Тоҷикистон 7 ҳазор квота ҷудо кардааст.

САРМОЯГУЗОРӢ БА ТОҶИКИСТОН АФЗУД



Соли 2022 ба Тоҷикистон нисбат ба соли 2021-ум 1,9 баробар зиёд сармояи мустақими хориҷӣ ворид карда шудааст.

Дар робита ба ин Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон аз имзо гардидани беш аз сад санади ҳамкорӣ дар соли гузашта ба маблағи умумии 32 миллиард сомонӣ иттилоъ медиҳад.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки санадҳои ҳамкорӣ дар доираи баргузории форуму ҳамоишҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, ки бо доираҳои сармоягузорию тиҷоратии давлатҳои хориҷӣ, назири Миср, Белгия, Чин, Туркия, Ӯзбекистон, Корея, Русия, Белорус, Амрико, Арабистони Саудӣ ва форумҳои минтақавӣ дар вилоятҳои Суғд, Бадахшон, Хатлон баргузор карда шуданд, ба мувофиқа расонида шуданд.

▸▸ *Барои андеша*

КОА ЧАРО АЛАМИ ИСОРО АЗ МӮСО МЕГИРАД?



Мӯсо Олимҷонов

Ғаму андуҳи шоғирд
кӣ хӯрад?
Он, ки аз азоби ӯ
хабар дорад.

Мақолаи шогирд ва ҳамкорам, забоншиноси шинохтаи кишвар Мӯсо Олимҷонов “Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то ба фарёдам расӣ!?” (“Тоҷикистон”, №50 (1509), 14-уми декабри соли 2022)-ро хонда, дар ҳайрат афтодам.

Маълум гардид, ки рисолаи доктории дотсент М. Олимҷоновро, ки дар таърихи 7-уми июли соли 2022-юм дар Шӯрои дифои ДМТ бомуваффақият ҳимоя шудааст, аз сабаби риоя нагардидани Низомномаи КОА, яъне ба сифати эксперти муассисаи пешбар баромад кардани узви экспертии КОА, ки ӯ имрӯз берун аз ҷумҳурӣ қарор дошта, илова бар ин, дар бистари бемористон, раёсати КОА рад намудааст.

Мухтарам кормандони КОА! Рад намудани ҳуҷҷати унвонҷӯ хеле саҳлу осон аст, вале то ба минбари ҳимоя тарбия намудану баромадани як нафар довталаб дар рӯзгоре, ки аксар ҷавонон роҳи савдову тиҷоратро пеша карда, таҳаммули хондану омӯхтан ва хулоса кардани афкори ҷамъшударо надоранд, корест сангину захматталаб. Махсусан, таълифу ҳимояи рисолаи докториро на ҳар муҳаққиқ бар дӯш мегирад. Ҳоли унвонҷӯеро, ки баъди ковишҳои 8-10-сола роҷеъ ба назми Бедил диссертатсияи хуберо анҷом додааст илова бар ин, соҳиби ду монография, се маҷмуаи мақолот, се дастури таълим, беш аз 200 мақолаи илмӣ, энсиклопедӣ ва оммавист, тасаввур карда наметавонам: баъди гирифтани мактуб ба чӣ ҳол гирифтор шуда, бо асабонияти зиёд чандин ҳазор торҳои асаби худро, ки метавонист чизҳои ҷолиби дигарро рӯйи коғаз орад, аз даст додааст?!

Банда дотсент М. Олимҷоновро аз солҳои донишҷӯияш медонаму эҳтиром менамоям.

(Давомаш дар саҳ. 13)

▸▸ *Аз нишасти матбуотӣ*

РОЗИҚЗОДА ОМИЛИ РУШД НАКАРДАНИ ИЛМРО ГУФТ



Абдулҳаким Розиқзода, раиси Комиссияи Олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти ҶТ зимни нишасти матбуотӣ муносибати байни олимон ва мактабҳои олии ҷумҳуриро нигаронкунанда донист.

Ӯ гуфт, ки маҳз муносибати хусуматомез боис гардидааст, ки баъзе соҳаҳои пураҳамият дар кишвар рушд накунанд. Ҳамзамон ӯ изҳор дошт, ки саҳлангориву шитобкорӣ ва рӯйбардорӣ аз таҳқиқоти дигарон боис гардидааст, ки асолати корҳои диссертатсионӣ хеле паст гардад.

Абдулҳаким Розиқзода, раиси КОА назди Президенти ҶТ гуфт, ки аксарияти диссертатсияҳое, ки рад карда мешаванд, бо гуноҳи котибони илмии Шӯроҳои диссертатсионӣ аст. Ӯ таассуф хӯрд, ки бо вуҷуди гузаронидани семинару машваратҳо бо котибони илмии Шӯроҳои диссертатсионӣ онҳо ба талабот риоя намекунанд ва корҳои илмиро хуб аз назар намегузаронанд.

Розиқзода вазъи илми геологияро дар кишвар нигаронкунанда номид. Ӯ гуфт хусусан нотавонбинӣ барои рушди ин соҳа имкон намедиҳад ва синну соли мутахассисони ин самт аллакай аз 80 гузаштааст.

Тибқи иттилои масъулини КОА соли гузашта 161 дархост аз ҷониби Комиссияи Олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти ҶТ барои дарёфти унвони илмӣ рад шудааст ва 42 дархости дигар дар ҳоли баррасӣ қарор доранд.

ДЕВОНАИ ФИЛМҲОИ ТУРКӢ

"... дига нмекнм тамошо, даъфшон кун, товба кадам, қариб девна шида будум, падаршон ланат қати киноошун...",- мегуфт худ ба худ зани тақрибан 50-солае, ки ҳамсафарам буд дар таксии самти Хатлон.

Оқибат ҳиси кунҷковии журналистиям боло гирифту аз аҳволаш пурсон шудам. Маълум шуд, ки зани эҳсосие будааст бар асари тамошои бештар аз 1000 серия киноҳои туркӣ (5-6 соли охир) аз ҳаяҷони зиёду бархӯрди эҳсосоти мухталиф руҳаш бемор шудааст шавҳару фарзандонаш асабҳои ӯро ду моҳ боз дар Душанбе табобат мекардаанд. Ва гумонам чунин занҳо дар қаламрави кишварамон кам нестанд.

А. АБДУҚОДИР

▸▸ *Пешниҳод*

ПАМПЕЙ БАРОИ КУШТӢ

Дар тамоми ноҳияҳои кишвар барои гӯштии миллӣ (куштӣ) монанди амфитеатр - помпейи ва кализей (ҳарчанд маҳсули ақли ориёист, вале моли румаш медонанд) варзишгоҳҳо бояд сохт, то мардум роҳат сабқатро тамошо кунанд.

Дар ин муассисаи варзишӣ метавон сабқати бузкашӣ созмон дод. Инчунин бунёди пойгаҳ, ки дар “Авесто” ҳамчун аспрез омадааст, аз манфиат холӣ нест! Ин навъи варзишҳо тарсро аз вуҷуди ҷавонмард мезудоянд ва ҳомии нотарсу ҷасури ватан мешаванд!

А. ТАЛБАКОВ

▸▸ *Мавқеъ*

РЕШАШИНОСИИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Масалан илми решашиносии миллӣ мегӯяд, ки тоҷикон аз қадимзамон шаҳрсоз буданд. Пас мебояд, ки намунаҳои ин меъморӣ дар осорхонаи махсус манзури сайёҳон гардад. Ва ҳамон вақт худшиносии миллӣ шакл мегирад, идеологияи миллӣ дар асоси решашиносии миллӣ сохта мешавад. Вагарна умед ба фардои ин миллат нест. Агар решашиносии миллӣ шакл гирад, ҳама гуна зиддияти баҳсҳо байни болову поён оид ба чигунагии хату забон, муносибатҳо ба дину оинҳои бостонӣ ва муосир барҳам мехӯранд.

Адаш ИСТАД,
нависанда



РОҲҚУШОИЕ, КИ МОҲИЯТАН ҶОННИСОРИСТ

Бориши пуршиддати барф ва тармафароии зиёди рӯзҳои охир дар роҳи мошингарди Душанбе -Чанок камназир буда, кормандони IRS дар ин муддат садҳо тармаро бетаъхир бартараф карда, роҳро мунтазам аз барф тоза ва бо маводи зиддилағжиш коркард намуданд.

Илова бар ин, ронандагону мусофирони дар роҳ дармондаро ба макони амн гузарониданд. Барои ин қабил ронандагону мусофирон маводи озуқа дастрас шуда, вобаста ба имконият як қисми онҳо дар хонаҳои устои роҳ, ки ба филиали ширкат марбут мебошанд, муваққатан ҷойгир шуданд.

Ибтикори мазкур далели бебаҳси он аст, ки роҳи Душанбе - Чанок дар симои IRS нигоҳбони боэътимод дорад. Дар он рӯзҳо корҳои бартарафсозӣ зери назорати доимӣ ва ҷиддии роҳбарият қарор дошт. Танҳо дар минтақаи Варзоб, аз километри 42 то 73-юми роҳ 85 тармаи хурду бузург фаромад. Дар минтақаи Зарафшон низ тармафароӣ зиёд буд. Паҳноии калонтарин тарма 400 метр ва баландиаш 15 метрро ташкил дод.

Бо назардошти вазъияти мавҷуда, роҳбарияти филиали ширкат тасмим гирифт, ки барои бартарафсозии тарма булдозерҳоро истифода намояд. Ёдовар мешавем, ки дар робита ба боришоти шадиду тармафароии зимистони солҳои 2016-2017 филиали ширкат теъдоди муайяни булдозерҳоро, ки истеҳсоли ширкатҳои бонуфузи олам мебошанд ва барои сари вақт ба макони зарурӣ интиқол додани онҳо трейлер харида буд. Мардуми зиёд, ки ҷаҳду талоши кормандони филиали ширкатро шоҳиди ҳол буданд, ба тадбирандешии бетаъхир таҳсин гуфтанд. Хушбахтона, дар натиҷаи тармафароии бениҳоят зиёд талафоти ҷонӣ ва моддӣ нарасид.

Роҳи Душанбе - Чанок ба нигаҳдории махсус ниёз дорад. Ҳарчанд бунёди роҳ муҳим аст, вале нигоҳдории он муҳимтар. Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки нигоҳдории ин роҳи пураҳаммиятро айни замон филиали ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи мавҷуда ба ҷо оварда истодааст.

Бо назардошти мавқеи ҷойгиршавии роҳи Душанбе - Чанок нигоҳдории онро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд кори осон пиндорем. Маҳз мавҷудияти пойгоҳи пуркуввати техникӣ (224 техникаву механизм) ва муҳимтар аз ҳама, масъулиятшиносии роҳбарият ва кормандони IRS боис аст, ки роҳи мазкур дар ҳолати хуб қарор дорад.

Фаромӯш набояд кард, ки то ба ихтиёри филиали ширкати зикршуда додани роҳи Душанбе - Чанок он ҳамасола 6 - 7 моҳ баста буд. Ронандагону мусофирон дар ин масир бо чӣ мушкилот мувоҷеҳ мешуданд, хуб дар хотир дорем. Солҳои охир ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва масъулиятшиносии кормандони филиали ширкат роҳ, ба истиснои чанд рӯз, он ҳам дар мавсими тармафароӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахрвандон, дигар умуман баста набуд. Онҳое, ки баъзан аз мавҷудияту фаъолияти ин ширкат нигаронӣ менамоянд, бояд омилҳои зикршударо ба назар гиранд ва ҳақиқатро эътироф намоянд.







Нигаронӣ

БЕБАРҚӢ ДАР ДУШАНБЕ

Сокинон азият мекашанду мақомот хомӯшӣ ихтиёр кардаанд

Сокинони маҳаллаҳои поёншаҳрии шаҳри Душанбе, аз ҷумла маҳаллаҳои Ҳалқаҷар, Гулкорон-1 ва Гулкорон-2 аз набудани қувваи барқ шикоят мекунанд. Қувваи барқ дар ин маҳаллаҳо рӯзона то 5-6, ҳатто баъзан рӯз то 7 соат хомӯш мешавад.



Саид Шарипов - сокини маҳаллаи Ҳалқаҷар мегӯяд, ки "набудани барқ барои оилаҳои мо мушкил аст. Барои он ки мо хонаҳои худро бештар бо печҳои барқӣ гарм мекардем. Ҳоло аз сабаби лимит хонаҳои мо сард аст ва кӯдакони хурдсоли мо аз сардии хонаҳо бемор мешаванд". Ба гуфтаи ӯ, шабонаҳо низ барқи онҳо 5-6 соат хомӯш мешавад, ки "сӯхта болои намакоб" аст.

Ҳол он ки, мувофиқи нақшаи маҳдудияти барқ лимит набояд дар шаҳри Душанбе ҷорӣ мегардид. Муроҷиати чандинкаратаи сокинон ба мақомот натиҷае надодааст.

Барои сокиноне, ки дар ин маҳаллаҳо зиндагӣ мекунанд, аз сабаби набудани ҳезум ва гарон будани нархи ангишт қувваи барқ ягона манбаи гарм намудани хонаҳо дар сармоҳои зимистон мемонад.

Ширкати "Барқи тоҷик" санаи 31-уми январ бо нашри як муроҷиатномаи расмӣ аз ҷорӣ шудани "лимит" хабар дода буд. Ин ширкат сабаби асосии ин тасмимро хароҷоти зиёди нерӯи барқ дар давраи сардии моҳи гузашта ва кам шудани захираи оби обанбори нерӯгоҳи Норак арзёбӣ намуд.

Ширкат вазъи баамаломадаро "ташвишовар" ва роҳандозӣ нагардидани чораҳои заруриро "боиси боз ҳам шиддат гирифтани норасоии нерӯи барқ дар аввалҳои моҳи март" ва "ба фаъолияти иқтисодии мамлакат ва зиндагии рӯзмарраи аҳолӣ таъсири калони манфӣ мерасонад" гуфт.

С. ИДИБЕК

Шарҳи расмӣ

ЛИМИТИ БАРҚ КАЙ БАРДОШТА МЕШАВАД?



Раиси ширкати "Барқи тоҷик" эълон кард, ки масъалаи бардоштани маҳдудияти интиқоли барқ ба шаҳру навоҳии Тоҷикистон аз боду ҳаво вобаста аст.

Маҳудияти интиқоли барқ дар Тоҷикистон замоне бартараф мешавад, ки ҳаҷми об дар дарё барои тавлиди ҳаҷми нерӯи барқ, ки талаботро қонеъ кунад, боло равад. Ин нуктаро раиси ширкати "Барқи тоҷик" Муҳаммадумар Асозода зимни нишасти матбуотӣ зикр кард.

Ба гуфтаи ӯ, сатҳи истифодаи захираҳои об дар рӯзҳои сардии моҳи январ якбора афзоиш ёфта буд ва феълан зарур аст, ки он ҷуброн карда шавад.

Раиси "Барқи тоҷик" афзуд, ки бо мурури гарм шудани ҳаво ва афзоиши ҷараёни об маҳдудият лағв мегардад.

Соли 2022 истеҳсоли нерӯи барқ дар Тоҷикистон наздики 21,5 млрд.кВт соатро ташкил дод, ки ин баландтарин нишондиҳанда дар кишвар маҳсуб меёбад. Тавлидоти барқ дар қиёс бо соли пешӣ наздики 800 млн.кВт соат зиёд мебошад.

Ба гуфтаи ӯ, масъалаи маблағгузории сохтмон ахиран аз ҷониби президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ноиби президенти Бонки Осиёии Рушд Мансур Мухтор, ки дар Душанбе қарор дошт, баррасӣ шудааст. Вазир таъкид кард, ки ҳоло лоиҳаи созишнома омода мешавад.

Завқизода ҳамчунин идомаи музокира бо дигар донорҳоро дар масъалаи маблағгузории сохтмони асри Тоҷикистон таъйид кард.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2023 ҳукумати ҷумҳурӣ барои бунёди минбаъдаи нерӯгоҳи барқи обӣ ҷалби ҳудуди 314 млн долларро пешбинӣ кардааст.

Вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа ахиран гуфт, ки қарор аст як консорсиуми шабеҳи тарҳи CASA-1000, ки аз сӯи ниҳодҳои молии байналмилалӣ маблағгузорӣ шудааст, таъсис дода шавад.

Ба гуфтаи ӯ, дар ҳоли ҳозир бо сармоягузорони эҳтимолӣ, ки аз ниҳодҳои молии байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида намояндагӣ мекунанд, музокирот идома дорад.

Маврид ба зикр аст, ки феълан дар "Роғун" 2 чарха фаъолият дошта, сохтмони он идома дорад. Интизор меравад, ки нерӯгоҳ бо иқтидори беш аз 3600 МВт калонтарин дар минтақа гардад.

Аз нишасти матбуотӣ



САРМОЯГУЗОРИ “РОҒУН” ПАЙДО ШУД!?

Бонки исломии рушд барои сохтмони нерӯгоҳи "Роғун" 150 млн доллар ихтисос медиҳад. Дар ин бора вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода зимни як нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Дар омади гап

Нерӯгоҳи "Роғун" дар соли гузашта ба "Барқи тоҷик" ба маблағи беш аз 382 млн сомонӣ барқ фурӯхтааст. Дар ин бора раёсати ширкати "Барқи тоҷик" зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, афзуд, ки харидории барқ аз "Роғун" дар соли гузашта афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмуъ аз нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" давоми сол ба андозаи 1 млрд 640 млн киловат/соат нерӯи барқ харидорӣ шудааст.

Ин дар ҳолест, ки харидди барқ аз нерӯгоҳи "Роғун" дар соли 2021 ба 342 млн сомонӣ баробар буд.

БАРКАНОРИИ 19 МАНСАБДОР



Палатаи ҳисоби Тоҷикистон соли 2022 дар пайи санҷишҳо дар сохторҳои давлатӣ ба маблағи 376,9 миллион сомонӣ қоидавайронкуниҳои молиявиро ошкор кард.

Қарахон Чиллазода - раиси Палатаи ҳисоб зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки ин маблағ дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ ошкор карда шудааст. Дар пайи ошкор шудани қоидавайронкуниҳои молиявӣ 19 нафар аз вазифа озод гардидаанд.

Чиллазода изҳор дошт, ки барои бартараф намудани камбудию норасоиҳои муайянгардида чораҳои мушаххас андешида шуда, ба буҷа 275,4 миллион сомонӣ, ба корхона ва ташкилоту муассисаҳо 100,1 миллион сомонӣ барқарор гардидааст.

Ба гуфтаи ӯ, дар доираи чорабиниҳои аудиторӣ қарзҳои дебиторӣ ва зерҳисобӣ ба маблағи 12,6 миллион сомонӣ, зиёдомади молу маводи арзишдор 9,0 миллион сомонӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳо 141,3 ҳазор сомонӣ ба буҷа ва корхонаҳо барқарор гардид.

БМТ АЗ НИЗОМИ ИСЛОМӢ РОЗИСТ



Раиси Бонки миллӣ Ҳоким Холиқзода гуфт, ки аз фаъолияти имрӯзаи низоми бонки исломӣ дар Тоҷикистон қаноатманд аст.

Ӯ зимни нишасти хабарӣ дар посух ба суоли хабарнигори «Тоҷикистон» изҳор дошт, ки ҳоло дар Тоҷикистон 1 бонк ва ду ташкилоти молиявии хурд бо шеваи хизматрасонии бонки исломӣ фаъолият мекунанд.

«Аз 36 миллион сомонии қаблан ҳоло хизматрасонӣ аз тарафи бонкҳои исломӣ дар Тоҷикистон 1,1 миллион сомонӣ ва пасандоз 30 фоиз зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаи хуб аст»,- изҳор дошт Ҳоким Холиқзода дар нишасти матбуотӣ.

Ҳоким Холиқзода дар мавриди пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ изҳор дошт, ки соли 2022 аз тарафи бонкҳои кишвар 250 миллион сомонӣ ба шаҳрвандон қарзҳои ипотекӣ дода шудааст.

Дар мавриди баланд будани фоизи қарзҳои ипотекӣ, раис гуфт, ки бонкҳо дар доираи имкониятҳои худ ба мизоҷон қарзи ипотекӣ медиҳанд.

ИСТЕҲСОЛОТ ЗИЁД, АММО ҚИММАТӢ. ЧАРО?



Нархи маҳсулоти кишоварзӣ тайи моҳҳои охир чанд маротиба баланд рафта, боиси норозигии аксари аҳолӣ шуд.

Ин дар ҳолест, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдо зимни нишасти матбуотӣ аз афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хабар дод.

Бино ба иттилои вазири рушди иқтисод ва савдои кишвар Завқӣ Завқизода, дар соли 2022 истеҳсоли сабзавот дар гармхонаҳо 24,6% афзоиш ёфта, ба 2968,8 тонна баробар гардидааст. Дар баробари ин, вазир аз истеҳсоли 1 млн 212 ҳазор тонна шир хабар дод, ки нисбат ба соли гузашта афзоиш ёфтааст.

Айни замон нархи як литр шир дар шаҳри Душанбе ба 9 сомонӣ баробар шудааст. Ҳол он ки, ду моҳ пеш аз 7 сомонӣ бештар набуд. Дар ҳамин ҳол, вазири рушди иқтисод ва савдо мегӯяд, ки сабаби боло рафтани нархи шир ба мавсим низ вобастагӣ дорад.

КОРХОНАИ ЛИФТ ДАР КӮЛОБ



Раиси шаҳри Кӯлоб Назарзода Бахтиёр Худоёр ба саволи хабарнигорон оид ба омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон посух дод.

- Аз рӯи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб 225 лоиҳа ба маблағи умумии зиёда аз 7 миллиард сомонӣ бояд амалӣ шавад. То ҷашни 35-солагии Истиқлоли кишвар бояд 462 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад. Аз онҳо аллакай 68-тояш ба истифода дода шуд,- гуфт ӯ.

Ба гуфти раиси шаҳри Кӯлоб, аксари иншооти ҷашнӣ корхонаҳои саноатианд. Боиси шодмонист, ки дар шаҳри Кӯлоб корхонаҳои истеҳсоли лифтҳо, биомембрана (барои гармхона), истеҳсоли пунбад (як навъ матоъ) бунёд хоҳанд ёфт, ки назири онҳо дар ҷумҳурӣ нест.

САВОЛЕ, КИ ҲАШТУМ БОР САДО ДОД...



Дар нишасти матбуотии раиси ноҳияи Восеъ Ҷамшед Шарифзода аз оби полезӣ танқисӣ кашидани деҳаҳои Навобод ва Боғи нав мавзуи меҳварӣ буд.

Тайи чанд соли охир нишасте нест, ки журналистон дар мавриди ин мушкилӣ суол накунанд. Ин бор ҳам ин суол садо дод. Раис посух дод, ки ин масъала бо роҳандозии лоиҳае ҳалли худро хоҳад ёфт. То соли дигар дунё ба умед гуфтанд.

Дар пресс-релизи раиси ноҳия омадааст, ки дар ҷамъбасти соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 175,7 миллион сомонӣ, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 1 миллиарду 510 миллион сомонӣ, ҳаҷми умумии гардиши мол 504 миллион сомонӣ, ҳаҷми умумии хизматрасонии пулакӣ 116,5 миллион сомониро ташкил дод. Лекин ба буҷет 51,6 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Як чизи дигари таассуфангез ин аст, ки дар нишастҳо аксар масъулин ширкат намеварзанд. Масалан, хабарнигорон ба директорҳои литсейи касбӣ-техникии №16, коллеҷи ғайридавлатии тиббии ноҳия саволҳои зиёде доштанд. Сад афсӯс, ки онҳо ба мисли нишастҳои гузашта ширкат надоштанд.

ДАР ХОВАЛИНГ ҲАЙКАЛИ САЙДАЛӢ ВАЛИЗОДАРО ДУЗДИДАНД!



Дар нишасти матбуотии ноҳияи Ховалинг хабарнигорон аз тақдири муҷассамаи шоири халқии тоҷик Сайдалӣ Вализода пурсиданд.

Раиси ноҳия Маҷидӣ Мухтадӣ дар ин маврид изҳори беиттилоотӣ кард. Ҳам аз ҳамаи масъулини соҳа, мутасаддиён дар бораи муҷассама пурсид. Касе иттилоъ надорад. Дар ҳоле, ки барои аз ҷой бардоштани як муҷассамае, ки дар паҳлуи МИҲД-и ноҳия истодааст, камаш крани борбардор, мошини боркаш, маблағ ва фармони раиси ноҳия лозим. Он ҳам бо иҷозати Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ. Фақат як нафар аз масъулини шуъбаи фарҳанги ноҳия дар нишаст, барои раҳонидани раис аз вазъияти ногувор гуфт, ки “муҷассамаро ба шаҳри Кӯлоб интиқол додем”.

Орзу Ҳамидиён - муовини соҳавии раиси шаҳри Кӯлоб дар суҳбат бо мо гуфт, ки “муҷассама ба Кӯлоб интиқол наёфтааст, набошад, мо онро дар ягон мавзеи фарҳангӣ насб мекардем”.

А.ИБРОҲИМ



НАҚБ ТАЪМИРТАЛАБУ ПАХТА БЕХАРИДОР

Дар нишасти матбуотии Мақомотии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара, ки бо ширкати раиси ноҳия Раҳмон Исломиддин Хайриддин баргузор гардид, суолу посух асосан оид ба таъмирталаб будани нақбҳо, кам будани истеҳсоли пахта, равғани растанӣ, маблағгудокунии буҷети маҳаллӣ барои корҳои ободонӣ ҷараён гирифт.

Рӯзноманигорон аз он изҳори ташвиш карданд, ки дар ноҳия мутахассисони хитоӣ бо парвариши пахта нисбатан ҳосилнокии заминҳоро кам карда истодаанд. Дар баробари ин, нархи хариди пахта поён рафт ва ҳоло дар ҳавлиҳои деҳқонону фермерҳо бештар аз 1000 тонна пахта нигоҳ дошта шуда истодааст. Маълум нест, ки кай арзиши пахта боло мераваду баъд ин пахтаҳои мардум ба муомилот мераванд. Чун бо гузашти вақт сифатнокии ин пахтаҳо низ гум шудан мегирад.

ЖУРНАЛИСТОНИ КӮЛОБ ДАР САРДӢ

Дар қароргоҳи раиси вилояти Хатлон - дар шаҳри Кӯлоб, ошёнаи сеюм утоқи барҳавоеро барои нишастҳои матбуотӣ ҷудо карданд.

Аммо сардии он барои бароҳат гузаронидани ин чорабинӣ рӯзҳои 30-31-уми январ ва 1-уми феврал қаноатбахш набуд. Дар чор-панҷ нишасте, ки дар ин бинои сард доир гардид, журналистон бо телпаку палтову ниқоби коронавирусӣ нишаста, аз сардӣ савол дода наметавонистанд. Ҳеҷ фаҳмида нашуд, ки масъули қароргоҳи раиси вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб чаро то баргузории ин нишастҳо толорро бо гармидиҳӣ таъмин накардааст?

Мумкин масъалаи мазкур дар нишастҳои навбатӣ, ки моҳи июли соли 2023 баргузор хоҳанд шуд, ҳаллу фасл гардад. Дунё ба умед гуфтаанд...

ҲАМАДОНӢ: ҲАМ ҶИНОЯТ АФЗОИШ ЁФТУ ҲАМ СОДИРОТ



Дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ зимни нишасти матбуотӣ раиси ноҳия Мирзозода Нурулло Абдулҳай аз он изҳори қаноатмандӣ кард, ки деҳқонон нисбати як соли пеш натанҳо маҷмуи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин содироти меваю сабзавот, полезиҳоро афзун кардаанд.

Истеҳсоли помидор ба беш аз 13 ҳазор тонна, пиёз ба 15 ҳазор тонна, сабзавот ба 76 ҳазор тонна расонида шуда, як қисми онҳо ба хориҷи кишвар содир карда шудааст.

Ҳамчунин, аз афзоиши ҷиноятҳои содиршуда дар давоми сол изҳори ташвиш карда шуд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ посух доданд, ки дар доираи 175 ҷинояти ба қайд гирифташуда 140 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Аз онҳо 30 нафарашон ҷавонон, 17 нафарашон занон, 6 нафар ноболиғонанд. Ин аз кори номукаммали бахшҳои занон, ҷавонон, кор бо ноболиғон шаҳодати мутлақ аст. Мебояд корҳои тарбиявӣ, фаҳмондадиҳӣ, шарҳи қонунҳо ҷоннок гарданд. Пошхӯрии оилаҳо низ зиёд аст.

НОРАК ОБОД МЕШАВАД



Баробари амалӣ гаштани ҳадафи саноатикунонии мамлакат дар шаҳри Норак корҳои ободонию созандагиҳо дар авҷанд. Дар ин бора раиси шаҳр Асадзода Дилшод иттилоъ дод.

Фақат дар соли гузашта ба андозаи қариб 60 миллион сомонӣ корҳои сохтмонию васлкунӣ ба анҷом расонида шуд. Бояд гуфт, ки дар ин раванд саҳму фаъолияти соҳибкорон назаррас аст. Онҳо 36 адад иншоотро сохта мавриди истифода қарор додаанд. Чунончи, соҳибкорон Муҳиддин Табаров, Ҷамшед Раҳимов бинои ду меҳмонхона, бинои истиқоматии шашошёна, пули мошингузарро дар маҳаллаи Даҳана сохтаанд.

Имрӯз бошад, таҷдиду азнавсозӣ, корҳои сохтмонии боғи фарҳангию фароғатӣ, терминали хизматрасонӣ, бозори нав, варзишгоҳи марказӣ дорои дах ҳазор ҷой, 6 бинои чорошёна, кинотеатр, 2 бинои ҳафтошёна, биноҳои нуҳошёна, дувоздаҳошёна, нуқтаи хизматрасонии савдо, маишӣ, тандурустӣ, томактабӣ идома дорад.

Мушаххастар гӯем, то соли 2026-ум 180 иншооти ҷашнӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

ПАРАНДАГОН ЛОНАИ ХУДРО ҲИФЗ МЕКУНАНДУ УСТОДОНИ ДОНИШГОҲИ ДАНҒАРА НЕ



Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Нуралӣ Шоҳиён аз рафти ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар донишгоҳ изҳори норозигӣ кард.

Феълан дар ДДД шумораи умумии омӯзгорон ба 338 нафар мерасанд, ки 8 нафар доктори илм, 66 нафар номзади илм, дотсент ва боқимонда 264 нафар омӯзгорони беунвон мебошанд.

- Масъалаи корҳои илмӣ аз тарафи омӯзгорони донишгоҳ қаноатбахш нест ва ман розӣ нестам. Аз чумла, онҳое, ки барои бо хонаи хизматии истиқоматӣ таъмин шудан даъво мекунанд. Рисолаҳои илмии худро дифоъ карда, номзад шаванд ва бо хона таъмин гарданд. Дар ин кор омӯзгорон хеле сустанд. Парандагон лонаҳои худро ҳифз мекунанду баъзе омӯзгорони мо не. Ман дар шоҳидии шумо ба ҳамаи омӯзгорон гуфтаниам, ки дар ин кор сари нангу номус оянд, - гуфт ректор.

Масъули саҳифа: Нурулло ҲАСАНОВ

БОНКИ НИЗОМСОЗ

Аз афзоиши сармоя то қарзҳои имтиёзнок дар Амонатбонк

Хизматрасонӣ ба 25 ҳазор корхонаю ташкилот, зиёда аз 784 ҳазор нафар нафақагирони мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 1,8 миллион нафар амонатгузорон тавассути 75 филиал ва 547 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба БДА ҶТ “Амонатбонк” рост меояд. Бештар аз 3 000 нафар корманди бонки мазкур ин масъулиятро бар зимма доранд ва талош мекунанд, ки хизматрасонии босифатро ба мизоҷони худ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ анҷом диҳанд.



Дастовардҳои Амонатбонк дар рақамҳо

Бино ба иттилои масъулини БДА “Амонатбонк” дороиҳои ин бонк дар соли 2022 маблағи 6,3 миллиард сомонӣ ва уҳдадориҳои бонк 5,6 миллиард сомониро ташкил додааст. Ин рақам нисбат ба соли 2021 мутаносибан 42,8% ва 45,4% мебошад. Пардохтпазирии бонк дар сатҳи баланд нигоҳ дошта шуда, маблағҳо саривақт ба ҳисобҳои дахлдор гузаронида шудаанд. Сармояи бонк ба 720,5 миллион сомонӣ расидааст, ки дар муқоиса ба соли 2021-ум 25,2% афзоиш ёфтааст. Фоидаи софи бонк 101,6 миллион сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 53,5% зиёд мебошад. Бонк аз рӯи фаъолияти худ 84,9 миллион сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатӣ пардохт намудааст.

Аз хизматрасонии ғайринақдӣ то низоми биллингӣ

Сироҷиддин Икромӣ - раиси БДА “Амонатбонк” мегӯяд, соли 2023 талош меварзанд, ки хизматрасониҳои ғайринақдиро вусъат бахшанд. Ҳоло дар раванди саҳмгузорӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодиёти рақамӣ ва боз ҳам рушд додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ Амонатбонк 683 нуқтаи қабули маблағҳои коммуналӣ ва 372 нуқтаи қабули маблағҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмиро роҳандозӣ намудааст. Инчунин, 822 адад QR-рамз ва 656 адад постерминалҳоро дар муассисаҳои давлатӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ насб намудааст.

Дар баробари ин, Амонатбонк 18 ташкилоти қарзиро ба низоми биллингии худ пайваст намудааст. Ин ташкилотҳо имкон пайдо намуданд, ки тавассути низомҳои дохилии корти бонкӣ, ҳамёни электронӣ ва мобилбонк ба муштариёни худ дар пардохти ҳақи қувваи барқ, об ва шабакаҳои гармидиҳанда хизматрасонӣ намоянд. Дар натиҷа гардиши умумии ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ дар дохили ҷумҳурӣ 196 миллиард сомонӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ тавассути ҳисобҳои корреспондентӣ бо ифодаи умумӣ 3,3 миллиард долларро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, гардишҳо тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ 13,3 миллиард сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 25,4% зиёд мебошад. Филиалҳои Амонатбонк зиёда аз 2,5 миллиард сомонӣ маблағҳои коммуналиро аз аҳолӣ қабул намудаанд, ки нисбат ба соли 2021 ба маблағи 89 миллион сомонӣ ва ё ба андозаи 3,7% зиёд мебошад.


Аз пасандоз то қарзҳои имтиёзнок

Бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ 4,9 миллиард сомониро ташкил додааст. Ин дар муқоиса ба соли 2021-ум 51,8% рӯ ба афзоиш аст. Аз он ҷумла, пасандозҳои аҳолӣ зиёда аз 2 миллиард сомонӣ буда, нисбат ба соли 2021-ум 24,1% бештар мебошад. Фоизҳои ба аҳолӣ пардохтнамудаи бонк дар соли 2022-юм 73 миллион сомониро ташкил медиҳад. Масъулини Амонатбонк инро дар сатҳи даромади аҳолӣ ва ҳамзамон баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии онҳо медонанд.

Бонк аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба 46 ҳазор нокро таҳти унвони «Кишоварз», «Дониш», “Автокредит” ва «Занҳои муваффақ» роҳандозӣ намуд. Барои дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ҷиҳати харидани манзили зист, Амонатбонк дар соли 2022 ба 51 нафар 10,7 миллион сомонӣ қарзҳои ипотекӣ пешниҳод намудааст. Ҳоло пешниҳоди қарзҳои Амонатбонк ба муштариён дар доираи аз 18 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 4,5 то 10 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян карда шудааст.

Вусъати робитаҳои хориҷӣ

Соли гузашта Амонатбонк дар 26-умин



Сироҷиддин Икромӣ - раиси Раёсати БДА ҶТ “Амонатбонк” бо раиси Раёсати ҶС «Ширкати содиротию суғуртавии «KazakhExport»-и Ҷумҳурии Қазоқистон Калигазин Аслан

муштарӣ 1 482,4 миллион сомонӣ қарз пешниҳод намудааст. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи бонк нисбат ба соли 2021-ум 102,4 млн сомонӣ афзудааст. Қарзҳои додашудаи бонк ба соҳаҳои саноат 16,3%, кишоварзӣ 15,5%, истеъмолӣ 23,2%, сохтмон 3,8%, тиҷорат 31,9%, нақлиёт 0,3% ва дигар хизматрасонӣ, яъне сайёҳӣ, тандурустӣ, хӯроки умумӣ 9,0% рост меояд. Сандуқи қарзии Амонатбонк 1,7 милиард сомонӣ ва қарзгирандаҳо аз рӯи бақия зиёда аз 52 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли 2021 ҳаҷми сандуқи қарзӣ 21,2% афзудааст.

Бо мақсади саҳмгузорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи дигар барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, Амонатбонк иқдомҳои қарзҳои имтиёзнок Конгресси умумиҷаҳонии WSBI оид ба нақши калидии бонкҳои амонатӣ ва чакана, ки дар сатҳи баланди умумиҷаҳонӣ бо иштироки 280 намояндагони давлатҳои гуногун баргузор гардид, иштирок намуд. Роҳбарияти Амонатбонк дар бахши пленарии он оид ба «Нақши шабакаҳои Амонатбонк дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуд, ки он дар маҷаллаи бонуфузи байналмилалии «Financial News & Views» нашр гардид.

Аз ҳисоби ҷалби сармояи мустақим, аз ҷумла тавассути хати қарзии бо Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти маблағгузории савдо дар ҳаҷми 33 миллион доллар хати қарзӣ кушода шуд. Сипас, 15,5 миллион доллар барои ворид намудани молу маҳсулот аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарзи бонкӣ пешниҳод гардид. Ҳамчунин, Амонатбонк бо ҶС «Экспортная страховая компания «KAZAKHEXPORT»-и Қазоқистон хати қарзи аккредитивӣ ба маблағи 11,3 миллион доллар боз кард. Ҳоло Амонатбонк бо 16 бонки хориҷӣ бо истифода аз 49 суратҳисобҳои корреспондентӣ ҳамкорӣ дорад.

Интернетбонк - хизматрасонии қулай

Барои беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ, зиёд намудани ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ, танзими муомилоти нақдӣ ва дар ин замина устувор нигоҳ доштани курби пули миллӣ, айни замон Амонатбонк дар маҷмуъ бо 8 048 ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ҷиҳати гузаштан ба лоиҳаи “Музди меҳнат” тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ҳамкорӣ дорад. Дар татбиқи ҳукумати электронӣ, гузаронидани маблағҳои музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробар ба кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби худи ташкилоту муассисаҳо тавассути низоми “Интернетбонк” имконият дода шудааст.

Ҳоло дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба 1 миллиону 550 ҳазор нафар, банкоматҳои насбшуда дар Амонатбонк ба 327 адад ва постерминалҳо ба 1 401 расидаанд.

Барномаи мобилии “Амонат-мобайл”, ки барои пардохти маблағҳои коммуналӣ, андоз, таҳсил, пардохтҳо ба телефонҳои мобилӣ, интиқоли маблағ аз як корт ба корти дигар ва дигар амалиётҳои бонкӣ имкон медиҳад, дар тарҳи нав бо дарназардошти талаботҳои имрӯзаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди истифода қарор дорад. То ба имрӯз 254 адад ё 46,4%-и марказҳои хизматрасонии бонкӣ, ки 18 адади он ба соли ҳисоботӣ рост меояд, ба шафати роҳҳои байналмилалӣ, дохили маркази савдову бозорҳо ва чорроҳаҳо кӯчонида шудаанд.

Ҳоло Амонатбонк яке аз калонтарин бонкҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва пайваста дар феҳристи бонкҳои низомсози кишвар мавқеи аввалро ишғол менамояд. Аҳолӣ ба Амонатбонк эътимод доранд, зеро он давлатист ва пайваста қарзҳои нисбатан пастро пешниҳод ва қишри ниёзмандро дастгирӣ менамояд.

Усмон РАҲИМЗОДА

ҶОИЗА

БЕҲТАРИНҲОИ СОЛИ 2022 ҶОИЗАИ ПРЕЗИДЕНТИРО ГИРИФТАНД

Барои ҳавасмандии ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо мувофиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор варзишгарон ҷоизаи пулӣ дода шуд.



Ба 35 варзишгари беҳтарини кишвар, ки ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ дар соли 2022 мебошанд, Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эъто шуд.

Маблағи умумии ҷоизаҳо дар соли равон, ки аз ҳисоби Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардидааст, 568 ҳазору 750 сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми як ҷоиза ба ҳар як варзишгар ва мураббӣ аз 6250 то 50000 сомонӣ аст.

Барандагони ҷоиза асосан онҳое мебошанд, ки дар чемпионатҳои ҷаҳон ва Осиё дар намуди бокс, ҷудо, куштии юнонӣ-румӣ, куштии озод ва таэквандо ВТ соҳиби медал гардидаанд. Инҳо Темур Раҳимов, Шодмон Ризоев, Асламҷон Азизов, Баҳодур Усмонов, Муҳаммад Аброриддинов, Моҳрӯ Ҳалимова, Сомон Маҳмадбеков, Мустафо Аҳмадов, Нуралии Эмомалӣ, Давлат Болтаев, Акбаралӣ Абдураҳмонзода, Шаҳбоз Ҳаитов, Сумайя Қосимова, Некрӯз Салимов, Абдумалик Болтаев, Хусрав Раҳимов, Муҳаммадамин Абдуллоев, Алиризо Баҳромов, Анӯшервон Фозилов, Исо Нураҳмадов, Суннат Абдуллоев, Расул Аҳадов, Малика Нозимова, Нурланбек Эрматов, Хусния Холова, Фирӯз Мирзораҷабов, Рустам Ашӯров, Ҳангома Исоева, Руслан Ғафуров, Акмал Абдувалиев, Фсуф Фозилов, Ҳусейн Ҳасанов, Муҳаммад Абдуҳакимзода, Нурулло Муродов ҳастанд.

Дар соли 2022-юм 650 варзишгар, аз ин шумора 34 бону ба 64 мусобиқаи сатҳи байналмилалии варзишӣ сафарбар гардида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии кишвар 548 медал, аз ҷумла 150 тилло, 162 нуқра ва 236 биринҷӣ ворид кардаанд.

ҶУДО

БЕҲТАРИНҲО ДАР ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

Рӯзҳои 11 ва 12-уми феврал дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишҳои обии шаҳри Душанбе Чемпионати ҷудои Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он беҳтаринҳо маълум шуданд.



Дар чемпионат, ки тибқи қоидаҳои Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) аз рӯи 7 вазн миёни мардҳо ва 2 вазн миёни бонувон сурат гирифт, ҳудуди 250 варзишгар аз ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ширкат карданд.

Қувваозмоиҳо миёни бонувон дар ду вазн -57 кг ва -63 кг сурат гирифт, ки Шоҳида Қаландарова ва Ҷонона Назарова беҳтарин буданд. Миёни мардҳо дар 6 вазн намояндагони шаҳри Душанбе ва дар як вазн варзишгар аз шаҳру навоҳии тобеи марказ унвони чемпиониро ба даст оварданд. Миёни бонувон дар вазни -57 кг Шоҳида Қаландарова, Фазилат Гулбоева, Рӯзафзун Бекназарова, дар вазни -63 кг Ҷонона Назарова, Мавлуда Одинаева, Қурбонгул Ҳалимова ҷойҳои ифтихориро сазовор шуданд.

Миёни мардҳо дар вазни -60 кг Ҳақдод Гулов, Муҳаммад Маҳмадизода, Мехрзод Суфиев, Саъдӣ Маҳмадов (ҳама аз Душанбе), дар вазни -66 кг Эмомалӣ Нуралӣ, Шаҳбоз Саидаброров, Фирӯз Мелибойзода, Ориф Додов (ҳама аз Душанбе), дар вазни -73 кг Маҳмадшариф Наҷмиддинов, Абубакр Шеров (ҳарду аз Душанбе), Мирзоҷамил Рамазонов (Хатлон-1), Илҳомиддин Ҷабборов (Рашт), дар вазни -81 кг Муҳаммадҷон Абдуҷалилов (Душанбе), Сайфидин Сайфидинзода, Ҳамроз Раҷабов (ҳарду аз Суғд), Умар Расулов (ШНТМ), дар вазни -90 кг Ҳақназар Назаров (ШНТМ), Умедҷон Раҷабов (Душанбе), Акмал Муродов (Хатлон-1), Кароматулло Ҳакимов (Душанбе), дар вазни -100 кг Исроил Раҳимов, Саидҷамол Алимардонов (ҳарду аз Душанбе), Ворис Нуриддинов, Улуғбек Раҳимов (ҳарду аз ШНТМ), дар вазни +100 кг Мансур Раҳмон, Иброҳим Элмуродов, Башир Фахриддин, Муҳаммад Одинаев (ҳама аз Душанбе) ҷойҳои намоёнро гирифтанд.

Ғолибону ҷоизадорон дар баробари медал, бори аввал бо ҷоизаҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд.

ВАРЗИШИ САБУК

МЕДАЛИ БИРИНҶИИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати варзиши сабуки Осиё дар иншооти пӯшида, дар риштаи эстафетаи 4х400 метр сазовори медали биринҷӣ шуданд, ки ин аввалин медали варзишгарони тоҷик дар Чемпионати Осиё дар иншооти пӯшида аст.

Ин мусобиқа аз 10 то 12-уми феврал дар шаҳри Остонаи Қазоқистон бо иштироки беш аз 500 варзишгар аз 31 кишвари қора баргузор шуд.

Тоҷикистонро дар ин чемпионат 7 нафар намояндагӣ карданд, ки инҳо Илдар Аҳмадиев, Фаворис Музрапов, Леонид Пронженко, Александр Пронженко, Муҳаммадризо Мирзозода, Мирсаид Мирзозода буданд.

Варзишгарони Тоҷикистон дар мусобиқаҳои дав ба масофаҳои 60 метр, 400 метр, 800 метр, ҳафтҳарба ва эстафетаи 4х400 метр рақобат карда, танҳо дар эстафета ҷойи сеюмро гирифтанд. Ба тими Тоҷикистон Леонид Пронженко, Александ Пронженко, Муҳаммадризо Мирзозода ва Мирсаид Мирзозода шомил буданд.

Дар масофаи 60 метр Фаворис Музрапов дар даври интихобӣ дар гурӯҳи худ бо натиҷаи 6.81 сония сеюм шуд ва ба нимфинал роҳ ёфт. Фаворис бо ин натиҷа рекорди Тоҷикистонро дигар кард. Ӯ дар нимфинал натиҷаи 6.85-ро нишон дода, аз идомаи сабқат маҳрум шуд. Илдар Аҳмадиев бо сабаби лат бардоштан натавонист ширкат кунад.

Дар масофаи 400 метр низ бародарон Леонид ва Александ Пронженко то нимфинал рафтанд. Леонид инчунин дар ҳафтҳарба ва Муҳаммадризо Мирзозода дар дав ба масофаи 800 метр сабқат карданд.



РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби футболи ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 дар ҷамъомади таълимиву тамрини Туркия бо ҳамсолони худ аз Ӯзбекистон бозии дӯстона анҷом дод, ки бидуни гол ба анҷом расид. Ҷавонон пештар бо ҳамсолони худ аз Ироқ (0:0), бошгоҳи ЛКС-и Лаҳистон (1:1) мусовӣ карда, бар тими ҷавонони Озарбойҷон (2:1) пирӯз шуданд ва аз дастаҳои «Бухоро»-и Ӯзбекистон (1:3) ва «Вишиста Краков»-и Полша (1:2) мағлуб гардида буданд.

***

Довари FIFA аз Тоҷикистон Гулмуроди Саъдулло дар бозиҳои марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 байни ҷавонон (U-20), ки аз 1-ум то 18-уми март дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, ба ҳайси довар таъйин гардидааст. Ёвари довари FIFA Вафо Қараев ва сардори раёсати доварон ва нозирони Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустам Абдуллоев барои доварон ба ҳайси инструктори фитнес дар чемпионати Осиё байни ҷавонон кор хоҳанд кард.

***



Паҳлавонони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалии 27-уми Ҷоизаи президенти Белорус се медал ба даст оварданд. Дар ин мусобиқа се варзишгари тоҷик ширкат карданд. Акмалиддин Каримов дар самбои варзишӣ дар вазни 64 кг медали биринҷӣ ба даст овард. Ду паҳлавони дигар - Мехрубони Абдулҳақ ва Шерзод Неъматуллоев яке дар вазни 71 ва дигаре 88 кг дар самбои размӣ низ соҳиби медали нуқра шуданд.

***


Капитани дастаи мунтахаби ҳандболи Туркия Ҷамол Куюдяхё ва писари панҷсолааш Чинор аз зери вайронаҳои заминларзаи рӯзи 6-уми феврал дар шаҳри Қаҳрамонмаръаш мурда пайдо шуданд. Ҳамсари Ҷамол Пелин Куюдяхё, ки дар чорум моҳи ҳомила аст ва модарзанаш Нуртан Мутлу, ки дар зери ин вайронаҳо мондаанд, то ҳол пайдо нашудаанд.

▸▸ *Воқеа*

АЛОҚАИ ҶИНСӢ БАРОИ АЙФОН

Оё пранкери русро ҷавонони тоҷик латукӯб карданд?

Шучер ном пранкер ва блогери рус аз вилояти Смоленски, ки аслан Кирилл Шучеров ном дорад, рӯзи 12-уми феврали соли 2023 дар як автобус дар шаҳри Санкт-Петербург мавриди ҳамла қарор гирифта, ҷароҳат бардоштааст.



Шучер мегӯяд, ки ҳамлагарон ҷанубӣ буда, ба сару рӯяш бо мушту шаппотӣ зада, ҳамчунин аз электрошокер истифода бурдаанд. Ӯ хабар дод, ки раҳгузарон ҳамлагаронро дастгир карда, то омадани пулис нигоҳ доштаанд. Ин пранкер ва блогери рус, ки баъди ба 75 ҳазор нафар расидани шумораи обуначиёнаш аз Смоленск ба Петербург кӯчид, ҳамла ва латукӯбашро ба видеои ахири худ рабт медиҳад, ки дар он як қуттии телефони “Айфон” дар дасташ ба як духтари тоҷик дар кӯча пешниҳод карда буд, ки дар ивази ин телефон бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кунад.

Александр Бастрикин, раиси Кумитаи тафтишоти Русия, ки бо мавқеи ошкори зидди муҳоҷирон ва миллатгароёнааш маъруф аст ва тафтиши қариб ҳамаи ҳодисаҳои ҷиноии марбут ба муҳоҷиронро таҳти назорати худ мегирад, талабгори кушодани парвандаи ҷиноятӣ дар робита ба ҳамлаи муҳоҷирон ба блогер Кирилл Шучер шудааст.

Ахиран дар Интернет видеое нашр шуд, ки Шучер дар кӯча ба назди як духтар аз Тоҷикистон омада, ба ӯ пешниҳод мекунад, то дар ивази телефони “Айфон” бо ӯ ҳамхоба шавад. Духтарак намефаҳмад, ки ин блогер аз ӯ чӣ мехоҳад? Ӯ иқрор мекунад, ки русиро хуб намефаҳмад. Шучер ҳамчунон талош мекунад, то ба ин духтар манзурашро бифаҳмонад, ки дар ивази телефон аз вай чӣ мехоҳад? Вале духтар пешниҳоди ӯро рад мекунад. Шучер баъди ин ба духтар пешниҳод мекунад, ки ӯро бибӯсад ва духтар бо хоҳиши пранкер аввал аз як бари рӯи ӯ ва сипас аз лабонаш бӯса мекунад. Шучер иддао дорад, ки баъди ин видео нафарони зиёде аз зодагони Тоҷикистон ба ӯ таҳдид карда, талаб кардаанд, ки видеои ҷанҷолиро аз Интернет пок карда, дигар ба духтарони тоҷик кордор нашавад. Вале Шучер талаби пок кардани видеоро рад карда, гуфт, ки ӯ касеро ба ягон кор маҷбур накардааст ва он духтар бо хоҳиши худаш вайро бӯсид. Ҳоло ба нафароне, ки барои ҳамла ба ин блогер ва пранкер дастгир шудаанд, ҳукми зиндони воқеӣ таҳдид мекунад.

▸▸ *Воқеа*

БОЗДОШТИ “МАМАРОЗА” ДАР ХУҶАНД



Мақомоти вилояти Суғд як ҷавонзани 24-сола аз ноҳияи Суғдро ба он айбдор мекунанд, ки бо баҳонаи кумак Дилноза ном як ҷавондухтари 21-соларо аз як оилаи камбизоат тобеи худ гардонида, ба танфурӯшӣ дар шаҳри Хуҷанд маҷбур кардааст.


Акбар Шарифӣ, сухангӯи РВКД дар вилояти Суғд рӯзи 14-уми феврали соли 2023 дар нашри навбатии барномаи телевизионии “Милитсия хабар медиҳад” хабар дод, ки ин ҷавонзан аз ноҳияи Ғафуров, ки муваққатан дар шаҳри Хуҷанд дар як манзил иҷора менишаст, моҳи октябри соли 2022 бо ҷабрдида шинос шуда, аз вазъи душвори зиндагии ӯ огоҳӣ пайдо кардааст.

Гуфта мешавад, ки зани далла бо баҳонаи кумак бо роҳи фиреб ба боварии ҷабрдида даромада, ӯро ба фоҳишагӣ дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд ҷалб кардааст. Худи ин зани дастгиршуда мегӯяд: “Азбаски хонаи зист надошт, раҳми ман омад ва ӯро гирифта оварда, дар хонаи худам ҷой кардам. Байни мо ягон шарту шурут набуд, вале вақте ки як моҳ гузашт, ман ба Дилноза гуфтам, ки ин хел намешавад, мо бояд пули иҷораро 50 ба 50 ҷамъ карда супорем. Азбаски Дилноза ягон ҷои кор ва маблағе надошт, ба ҳамин кор даст зад ва аз мардҳои муштарияш аз 500 то 1000 сомонӣ мегирифт”.

Акбар Шарифӣ мегӯяд, ки зани далла Дилнозаро аввал ба рафтан ба марказҳои дилхушии шабона ва машруботу айшу ишрат одат кунонда, дар марҳалаи баъдӣ талқин ва маҷбураш кардааст, ки бо мардҳо ҳамхоба шуда, барои ҳар соати алоқаи ҷинсӣ аз 100 то 200 доллар бигирад. Ба гуфтаи сухангӯи милитсия, ин зан ҷабрдидаро барои бе иҷозати ӯ аз хона берун рафтан ё пайдо накардани мардони муштарӣ ҷазо медодааст. Дар ниҳоят Дилноза маҷбур шудааст, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кунад.

Мақомот мегӯянд, ки аз ифшои номи зани далла ба хотири халал нарасонидан ба ҷараёни тафтишот худдорӣ мекунанд, вале дар кирдори ӯ аломатҳои истисмори шаҳвонии шаҳрванд дида мешавад.

Нисбати ин зан бо моддаи 130, иловаи 1 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон барои савдои одамон ва истисмори шаҳвонӣ ҳамчун ҷазо аз 5 то 20 соли зиндонро пешбинӣ мешавад. Ҳамчунин, моддаи 238 барои ба танфурӯшӣ ҷалб кардани дигарон ҳамчун ҷазо ҷарима ба маблағи аз 500 то 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё то 5 сол ҳукми зиндонро пешбинӣ мекунад. Моддаи 239 бошад, барои даллагӣ ва ташкили фоҳишахона ҳамчун ҷазо ҷарима ба андозаи аз 1000 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ё то 8 соли зиндонро муқаррар кардааст.



Ҷиноят ва ҷазо

ПАНҶАКЕНТ: ЧАРО МАРД ҲАМСАРАШРО КУШТ?

Марде аз шаҳри Панҷакент ҳамсарашро ба ҳалокат расонидааст. Дар ин бора Вазорати корҳои дохилӣ хабар дод. Ҳодиса рӯзи 6-уми феврали соли 2023 рух додааст.



Ба навиштаи ин ниҳод, “тахминан соати 03:30 дақиқа марди 53-солаи сокини шаҳри Панҷакент дар хонаи истиқоматиаш аз ҳиссиёти рашк ва бадбинӣ ҳамсараш - зани 53-соларо бо дастонаш бӯғӣ карда, ӯро ба ҳалокат расонидааст”.

Назари марди гумонбар ва ё наздикони ӯ маълум нест. ВКД нисбати марди гумонбаршаванда тибқи моддаи 104-и КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст.

ИСТАРАВШАН: ҲАМ ҲАМСАРРО КОРД ЗАД, ҲАМ ДОДАРИ ӮРО

Маркази матбуотии Вазорати корҳои дохилӣ аз сӯиқасди марде ба ҷони ҳамсараш хабар дод. Ҳодиса санаи 9-уми феврали соли 2023 рух додааст.



Ба иттилои вазорат, "ҷавони 23-солаи сокини шаҳри Истаравшан ба ҳавлии истиқоматии волидайни ҳамсараш, ҷавонзани 19-солаи сокини шаҳри мазкур даромада, аз ҳиссиёти рашк бо корд 3-4 маротиба ба аъзои бадани ӯ ва 1 маротиба ба бадани додарарӯсаш - ноболиғи 8-сола задааст, ки дар паҳлуи ҳамсараш хоб будааст".

Сабаби ҳодисаи мазкур, ки дар натиҷа ҳамсар ва додараш ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардоштаанд, "ҳиссиёти рашк" гуфта мешавад, вале дар ин бора назари худи онҳо маълум нест.

Дар мавриди ин қазия тафтишот идома дорад.

ГУЛИСТОН: ЧАРО МАРДИ 62-СОЛАРО КОРД ЗАДАНД?

Дар шаҳри Гулистон марде бо корд ба қафаси синаи марди 62-солаи ин ноҳия задааст. Дар ин бора Вазорати корҳои дохилӣ хабар медиҳад. Ҳодиса санаи 9-уми феврали соли 2023 рух додааст.




Ин ниҳод хабар медиҳад, ки "марди 55-солаи сокини шаҳри Гулистон дар ҳолати мастӣ дар хонаи истиқоматиаш аз сабаби муноқишаи бамиёномада бо марди 62-солаи сокини шаҳри мазкур ҷанҷол намуда, бо корди хочагӣ 1 маротиба ба қафаси синааш задааст. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштааст".

Нисбати марди гумонбар парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 110, қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шудааст ва вазорат тафтишотро идома медиҳад.

6 ОДАТЕ, КИ ҶАҲОНРО ЗИНДОН МЕКУНАД

“Роҳати дунё зану дандон бувад, Бе зану дандон ҷаҳон зиндон бувад!” мегӯянд. Дар ҳақиқат дандон узви ниҳоят муҳими инсон аст, зеро таъму маззаи хӯрокро мо маҳз бо кумаки дандонҳо эҳсос мекунем. Аз ҳамин хотир, дандонҳоро эҳтиёт кардан лозим аст. Дар ин нигошта мо дар бораи баъзе одатҳои баде маълумот медиҳем, ки боиси осеб дидан ва рехтани дандонҳо мегарданд.

1. Газидани нӯги қалам ё дастаки айнак



Аксари одамон ҳангоми ба фикр фурӯ рафтан ё ҳолати оддӣ сарпӯши ручкаву қалам ё дастаки айнакро мегазанд. Ин ҳолат, агар тез-тез такрор ёбад, дар дандон тарқишчаҳо пайдо мешаванд ва бар замми ин, бактерияҳо ба осонӣ ба холигиҳои даҳон тавассути асбоби газида ворид шуда, боиси гирифтор гаштани кас ба ҳар хел касалиҳо хоҳанд шуд. Майли газидану хоидан дошта бошед, бехтараш сақич хоед, вале на аз меъёр зиёд.


2. Шикастани писта ва донаи офтобпараст



Зуд-зуд шикастани писта ва донаки офтобпараст бо дандон ба пӯсидани дандонҳо оварда мерасонад, илова бар ин, газидани пистаи зиёд ба милкҳои дандон низ осеб расонида, боиси сар задани бемориҳои сироятӣ дар даҳон мегардад.

3. Истифодаи чуткаи дандоншуӣ

Чуткаҳои дандоншӯӣ барои зуд тоза кардани дандонҳо пас аз хӯрок пешбинӣ шуда-анд, аммо чуткҳои дурушти дандоншӯӣ милки дандонҳоро вайрон карда, боиси хунравӣ дар милкҳои дандон мегарданд. Аз ҳамин хотир, ба шумо тавсия медиҳем, ки чуткаҳои хушсифати дандоншӯиро интихоб намоед.



4. Истифодаи ришта




Баъзеҳо чунин одат доранд, ки пас аз хӯрок хӯрдан, агар дар байни дандонҳояшон пасмондаи хӯрок дармонда бошад, онро тавассути ришта тоза мекунанд. Ин амал ба дандонҳо зарар дорад.

5. Ғиҷирроси дандон

Ғичирроскунии дандон бештар дар ҳолати хоб рӯй медиҳад, аз ин лиҳоз, идора кардани ғиҷирроси дандон ғайриимкон аст. Одамоне, ки чунин мушкил доранд, бояд фавран ба духтур муроҷиат намянд, зеро ин метавонад нишонаи ягон бемории асаб бошад. Ҳангоми ғичирросзанӣ дандонҳо бо ҳам соиш мехӯранд ва сире, ки дандонҳоро мепӯшонад, осеб мебинад.

6. Газидани нохун



Як одати бади дигар, ки боиси осеб дидани дандонҳо мешавад, газидани нохунҳост. Нохунхоӣ бениҳоят одати зараровар аст. Аввалан, аксарияти бактерияҳои даст дар зери нохун ҷойгиранд ва бо газидани он ба холигоҳи даҳон медароянд, сониян, дар дандонҳо тарқишҳо пайдо мешаванд, ки дар оянда боиси пӯсидани дандон мегардад.

МАВИЗ - ДАВОИ КАМХУНӢ

Мавиз ангури хушкшуда мебошад ва истеъмоли он яке аз усулҳои табобатии қадима буд.



Мавиз ҳақиқатан ҳам хушкмеваи фоидабахш ва серғизо мебошад. Таркиби он аз витаминҳои гурӯҳи В, витамини С, минералҳое ба монанди оҳан, калий, калтсий, фосфор, антиоксидантҳо бой аст. Минерали асосии мавиз оҳан мебошад ва истеъмоли он ба муолиҷаи касалии камхунӣ мусоидат мекунад. Минералҳои боқимондаи мавиз фоидаи табобатии худро ба инсон мерасонанд. Масалан, калий ба дил, калтсий ба дандону устухон, фосфор ба чашм шифо мебахшанд. Гурӯҳи витаминҳои В ҳолати маҷмӯи асабро муътадил мекунад. Витамини С бошад, дар фасли зимистон хусусиятҳои ҳимоягии организмро тақвият мебахшад. Мавиз маводи серкалория мебошад, таркиби мавиз аз фруктоза ва сахароза бой - 100 грамми он ба 320 килокалория баробар аст. Аз ҳамин рӯ, шумо бояд донед: нафароне, ки ба вазни худ аҳамият медиҳанд ва нафароне, ки ба касалии диабети қанд гирифторанд, ҳатман бояд кам мавиз истеъмол намоянд, ё ин ки аз он пурра даст кашанд.

Дар вақти харидории мавиз ба думчаи мавиз диққат диҳед. Он набояд кандашуда бошад. Дар мавриди кандашавии думчааш, мавиз шираи худро гум мекунад ва сифаташ паст мешавад.

Тоҷиконома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта ба шабнишиниву маҳфилҳо рафтанро тавсия намедиҳем. Муносибат бо дӯстон, махсусан бо занон дар натиҷаи муноқишаҳои ногаҳонӣ бад мешавад. Айни замон ба шумо лозим меояд, ки ба баъзе нақшаҳои худ ислоҳот ворид кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта бо ҳамсафари ҳаётӣ ё шарики тиҷоратӣ забон ёфтанатон душвор мегардад. Ақидаҳои шумо оид ба баъзе масъалаҳои бунёдӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд. Барои бастани шартномаву ақди никоҳ ҳафтаи мусоид нест.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Оғози ҳафта ба шумо тавсия дода мешавад, ки ба саломатии худ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоед. Дар ин давра, эҳтимолияти сармохӯрӣ ва гирифторшавӣ ба беморихои вирусӣ меафзояд, хусусан агар шумо дар сафари хориҷа бошед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта барои ба эътидол овардани муносибатҳои ошиқона мусоид аст. Нафарони муҷаррад метавонанд бо намояндагони ҷинси муқобил ҳангоми сафару саёҳатҳо ё дар чорабиниҳои идона шинос шаванд. Инчунин, вақти хубест барои баргузории ҷашни арӯсӣ.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта дар муносибатҳои ошиқона ва заношавҳарӣ нофаҳмиву низоъ дар назар аст. Хусусан ҳамсароне, ки бо волидонашон зиндагӣ мекунанд, дучори муноқиша мегарданд. Муноқишаи байни наслҳо метавонад танҳо боиси афзоиши ихтилоф дар оила гардад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта нисбати саломатии худ беэътиной накунед, дар ин вақт ҷисм метавонад заиф шавад. Мувофиқи вазъи ҳаво либос пӯшед, ба гармохунукшавӣ рох надода, чораҳои пешгирикунандаи беморихоро андешед. Дар ҷои кор то бевақтӣ нашинед, нерӯи худро сарфа кунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта ташвишатон зиёд мегардад. Агар дӯстдошта дошта бошед, зудтар аз пайи харидани туҳфа шавед. Харидҳое, ки рӯзи душанбе ё сешанбе анҷом дода шудаанд, чандон бобарор намешаванд. Миёни шумову дӯстдоштаатон нофаҳмии ҷиддӣ сар мезанад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои ақрабҳо масъалаҳои нигоҳ доштани обрӯ ва эътибор пеш меояд. Ба вазъияти душвор дучор шуда, танҳо бо шарофати донишу малака аз он берун баромада метавонед. Бо намояндагони ҳифзи ҳуқуқ мушкилӣ пайдо карданатон имконпазир аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта бо яке аз шиносҳоятон муносибат бад мегардад. Эҳтимол шумо овозаҳо ё ғайбатеро дар мавриди наздиконатон шунида, сахт меранҷед. Кӯшиш кунед, ки ба ғайбату иғвогариҳо дода нашавед, он гоҳ ба чунин ҳолатҳои нохуш дучор намегардед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта дучори мушкилоти молиявӣ мегардед. Агар мошин дошта бошед, он таъмирталаб мегардад ё таҷҳизоти техникии хонаатон корношоям мешавад. Аз миёнаи ҳафта сар карда, мушкилиҳои сарзадаро рафъ карданатон осонтар мегардад.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта дучори монеаҳои зиёде мешавед. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, нобарорӣ пеш меояд. Вақте расидааст, ки аз пайи ба даст овардани маблағи бештар ва беҳтар сохтани зиндагии худ шавед. Фориғболӣ нисбати саломатӣ боиси сарфи маблағи зиёде мегардад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ бо касе шинос шуданатон лозим нест. Дар бораи зиндагии шахсии худ ба касе чизе нагӯед. Дар акси ҳол, маълумотро бар зидди шумо истифода бурда, обрӯву нуфузатонро ба як тини зардак баробар мекунанд.

ДАРГУЗАШТИ АСРОРИ РАҲМОНФАР

Субҳи 14-уми феврали соли равон қалби адабиётшинос, матншинос, шоир ва журналисти тоҷик Асрори Раҳмонфари Сомонӣ аз тапидан бозмонд. Номбурда дар солҳои 90-ум муҳаррири ҳафтаномаи "Тоҷикистон" низ буд.



Асрори Раҳмонфари Сомонӣ 1-уми ноябри соли 1952 дар деҳаи Артучи шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Соли 1969 мактаби миёнаи № 6-и шаҳраки Колхозчиён, соли 1974 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро ба поён расонидааст.

Баъди хатми донишгоҳ дар шуъбаи матншиносии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба кор пардохтааст. Солҳои 1980-1982 дар сафи Қуввахои Мусалаҳи Шӯравӣ (дар Афғонистон) хидмати ҳарбиро ба ҷой оварда, баъдан фаъолияташро дар институти номбурда идома бахшидааст. Ҳамзамон, сармуҳаррири Студияи телевизиони Душанбе «Сомониён», сармуҳаррири ҳафтаномаи "Минбар" («Трибуна»), муҳаррири масъули ҳафтаномаи «Тоҷикистон», ёвари ректори Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон будааст. Муддате ёвории раиси ҶСШК «Нафтрасон» ва сардори КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон»-ро бар ухда дошта, пайваста фаъолияти илмию эҷодиро ҳам пеш бурдааст.

Аз овони мактабхонӣ ба шеъргӯйӣ пардохта, нахустин шеъру хабару мақолаҳояш дар авроқи рӯзномаву маҷаллаҳои ноҳиявӣ («Зарафшон») ва ҷумҳуриявӣ («Машъал»-у «Пионери Тоҷикистон») ба табъ расидаанд. Муаллифи беш аз 300 очерку мақолаи илмӣ ва илмии оммавӣ, рисолаҳои «Носири Хусрав - шоир-мутафаккир» (1978), «Родмарди хучистакор» (2001), «Ёкути сурх» (2005), «Марди роҳ» (2006), «Рӯдакиро суханаш тилви нубост...» (2009) ва «Яккатози майдони Ҷомишиносӣ» (2014) мебошад.

Мураттиб ва муфассири куллиёту мунтахаботи осори Рӯдакӣ, Умари Хайём, Ҷалолуддини Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Фаттоҳии Нишопурӣ, Кироми Бухоройӣ, Имлои Бухоройӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Лоиқ Шералӣ, Беранги Куҳдомонӣ ва дигарҳост.

Бо чандин ордену медали ватаниву хориҷӣ, ифтихорномаҳо ва нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадр шудааст.

Узви Созмони ҳоваршиносони шӯравӣ ва Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон «Пайванд» ва аз соли 1993 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, аз соли 2014 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

Аз идора

Ҳайати мушовара ва аҳли қалами ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз марги собиқ муҳаррири ҳафтанома Асрори Раҳмонфар андуҳгин буда, ба пайвандонаш сабри ҷамил мехоҳанд.

КОА ЧАРО АЛАМИ ИСОРО АЗ МӮСО МЕГИРАД?

(Аввалаш дар саҳ. 6)

Тавассути кушоиву ҷӯёӣ донишкадаро бо дипломи аъло хатм намуд, муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи забони тоҷикӣ буд, аспиранти шуъбаи рӯзонаи донишгоҳ гардид; ду соли аспирантӣ гирандаи идрори номии МИҲД-и вилояти Суғд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров буд. Соли 2002-юм доир ба забони насри таърихии Сотим Улуғзода рисолаи номзадӣ дифоъ намуд, тавассути кордонӣ ва соҳибқаламу соҳибтафаккур будан ба "Маркази пажуҳиши тамаддуни даврони Сомониён" ба кор ҷалб гардид; пасон мудири шуъбаи илми Донишгоҳ таъйин шуд, ба докторантура баромад ва пас аз як сол аз докторантура бозхонд гардида, декани факултети филологияи тоҷик таъйин шуд ва як навбат вазифаро сарбаландона иҷро намуд. Ҷомеаи факултет ва раёсати вақти донишгоҳ мехостанд, ки дотсент М. Олимҷонов давраи дуюм низ декани факултет бошад, вале ӯ кори илмӣ намуданро бехтар аз вазифа донист ва ба мақсади худ расид. Метавонист бо идомаи рисолаи номзадӣ осонтар соҳиби дараҷаи доктори илм шавад, вале ба мавзуи мушкилу дандоншикан - таҳқиқи калимасозиҳои назми Бедил, ки дар суханшиносии тоҷик нав тоза аст, даст зад, аммо дар охир ин хабар...

Дар тафаккури банда баъди хондани мақола чандин суол давр мезанад. Аз ҷумла, вақти додани дараҷаи илмӣ диссертатсия муҳим аст ё ҳуҷҷат? Чаро ба гуноҳе, ки довталаб содир накардааст, ӯ бояд "маҳкум шавад?" ва ғ. Мехостам масъулини КОА ба чанд муаммое, ки боиси саргардониву руҳафтодагии даҳҳо нафар довталаби дараҷаи илмӣ шудаанд, посух гӯянд:

1. Чаро узви комиссияи экспертиро раиси Шӯрои дифоъ ва котиби Шӯро намедонанд? Дар сурати донистани онҳо довталабон ин гуна саргардон намешуданд.

2. Худи узви комиссияи экспертӣ огаҳ аст, ки ӯро ба ҳайати комиссияи экспертӣ ворид кардаанд?

3). Узви экспертии КОА ҳуқуқу уҳдадориҳои худро медонад ва ё не?!

Аз мутолиаи мақола бармеояд, ки М. Олимҷонов бо эксперти муассисаи пешбар чанд карат вохӯрдааст, вале ӯ шояд намедонист, ки ба ҳайси комиссияи экспертӣ қабул шудааст ва ё аз ҳуқуқу уҳдадориҳои эксперти КОА огаҳ нест. Гумони ғолиб он аст, ки мавсуф намедонист, ки ӯ узви эксперти КОА пазируфта шудааст. Пас, чаро дар ин ҳолат довталаби дараҷаи илмӣ "ҷазо" мебинад?! Махсусан, дар ҳолати дотсент М. Олимҷонов, ки эксперти муассисаи пешбар дар хориҷ қарор дошта, илова бар ин, дар бистари беморист!

Мо интизори ҷавобем, вале нуктаи дигар диққати моро машғул медорад, ки чаро Низомнома соҳиб шудан ба дараҷаи илмиро маҳдуд намудааст? Дар натиҷа, ҳуҷҷат чизи асосӣ гардида, сатҳу сифати рисола дар зинаи дувум қарор гирифтааст! Илова бар ин, чаро барои сазовор донистан ба дараҷаи илмӣ рафти ҳимоя, суолу ҷавоб, тақризи муқарризони расмиву ғайрирасмӣ, баҳои муқарризон ба автореферат, аслияти диссертатсия ва ғайри дар ҷойи аввал қарор надоранд?!

Нависандаи ин сатрҳоро як масъалаи дигар ба ташвиш меандозад: ба гуфти довталабон, онҳо ба Шӯрои дифоъ беш аз 50 номгӯйи ҳуҷҷат (!!!) ва ба КОА беш аз 30 номгӯйи ҳуҷҷат (!!!) месупоранд! Чаро? Барои чӣ? Оё имкони кам кардани номгӯйи ҳуҷҷатҳо ва авло донистани мазмуну мухтаво ва моҳияти илмиву амалии диссертатсия нест?! Табиист, ки ҳар қадар номгӯйи ҳуҷҷат зиёд гардад, рух додани ғалат ва ё иштибоҳ аз эҳтимол дур нест! Пас, ба ҳуҷҷат эътимод намоем ва ё ба диссертатсия?!

Дар охир таъкид карданиям, ки риоя ва иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳама ҳатмист, мавсуф метавонист гӯяд, ки дар мактуби КОА низ чанд банди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №268 риоя нашудааст! Ба ин чӣ мегӯед?!

Саидмурод ҲОҶИЕВ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, дорандаи ордени
Шараф, дараҷаи II, Шаҳрванди
фахрии шаҳри Хуҷанд

Мавлудномa

• 16 ФЕВРАЛ •

Лақим Қаюмов (1933-1998), 90-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, дипломат.

Юрий Қурбонов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Аҳмадхон Муродов (1968), 55-солагии зодрӯзи муаррих.

• 17 феврал •

Любов Григорева (1928), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Амонулло Мӯсоев (1958), 65-солагии зодрӯзи раққос, устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Маҳмуд Умаров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Анвар Ҷалилов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Ҳаким Юсуфов (1918-1990), 105-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ.

• 18 феврал •

Гулсара Абдуллоева (1948), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Фатҳулло Аҳмадов (1918-1944), 105-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Салоҳиддин Маҷидӣ (1878-1958), 145-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Муҳиддин Саидов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 19 феврал •

Абдусодиқ Ирисов (1928), 95-солагии зодрӯзи муаррих, шарқшиноси тоҷиктабори Ӯзбекистон.

Равшаной Қурбонова (1938-1986), 85-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи химия.

• 20 феврал •

Абдуҷаббор Ваҳҳобов (1933-1996), 90-солагии зодрӯзи коргардони радио.

Дилбар Қандиёрова (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

Мирзо Муллоаҳмадов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон.

Исмоил Сафаров (1948-2011), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Мансур Султонов (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Ҳабибулло Табаров (1938-2017), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Раҳмон Ӯлмасов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Муродҳусейн Худоиев (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

• 21 феврал •

Истадой Мамадҷонова (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда, актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Муҳаммадҷон Мирзошоев (1948-2014), 75-солагии зодрӯзи нависанда, Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Назаралӣ Холов (1948), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Владимир Чекалин (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

• 22 феврал •

Абдуалӣ Абдуманнонов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Хайрулло Сайфуллоев (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ширкати муштараки эрониву тоҷикӣ ба кормандони тиб, бо тақрибаи корӣ ниёз дорад, маоши баланд. Тел: 901-55-60-00

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A02762746, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Сино 03.12 соли 2019 ба Муллоҷанова Фарогат Назировна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ №221/19, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2019 ба Шералиев Шаҳром Ҳусейнович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A02525623, ки онро ШВКД-2 ноҳияи Фирдавсӣ 11.09 соли 2019 ба Рахмонов Илёс Фуркатович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи васиятнома таҳти феҳрести №7М-595, ки онро нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 19-уми октябри соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, хонаи 43/3, ҳуҷраи 51 ба Войцев Родион Тарасович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи хориҷӣ аз соли 2015 ва шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A03683777, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Сино 01.04 соли 2021 ба Халиков Хасан Даларамович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2017 ба Исломова Фарзона Шералиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ҳаштуми №014471, ки онро муассисаи таҳсилоти умумии №39-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ соли 1998 ба Сафарова Хосият додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТУ №61438476, ки онро муассисаи таҳслоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ 17.06 соли 2022 ба Фахридинов Мустафо Джамшедович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми AN№212655, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Фирдавсӣ 13.06 соли 1995 ба Камолдинов Бахромжон Раджабович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A00844137, ки онро ШВКД-1 дар шаҳри Исфара 24.02 соли 2017 ба Муллоев Абдуқодир Латифович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи A00534228, ки онро ШМД Арал ШВКД ноҳияи Восеъ 30.05 соли 2016 ба Ҳофизи Сафарали додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-ШТУ №0395054, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2010 ба Шарифзода Зайнаби Ҷалолидин додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Роҳи Нав 289 ба номи Сайфудинов Абдуманон, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести №1Ш-31, ки онро нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ 12-уми январи соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бофанда, хонаи 14, ҳуҷраи 3 ба Муродалиева Ситора Гуломовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Гувоҳнома оид ба хатми давраи ихтисосгирӣ аз рӯи ихтисоси дерматовенерология, ки онро Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тиббии Тоҷикистон соли 1996 ба Назаров Шамсуло Ҳабибович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТС №0021333, рақами қайд №428, ки онро Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон 9-уми феврали соли 2001 ба Баҳронова Таҳмина Рахмонҷоновна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ҳуҷраи 3 ба бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев 95, ҳуҷраи 3 ба номи Даминова Р. бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Шоҳтемур 42, ҳуҷраи 49 ба номи Нуров Нозимҷон Назарович бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Дафтарчаи имтиҳонотии №013832/2017, ки онро ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2017 ба Насридинов Дилшод Уктамович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

ЭЪЛОН

ҶСК “Сементи тоҷик” оид ба гузаронидани аудити беруна барои соли 2022 озмун эълон менамояд. Ширкатҳои аудиторӣ метавонанд дар давоми 7 рӯзи тақвимӣ аз санаи интишори эълони мазкур ҳуҷҷатҳояшонро пешниҳод намоянд. Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 205, ҶСК “Сементи тоҷик”.

ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

Судоку


						9		
	8	6		7				4
3			1				2	
	4				1			7
5			2				3	
				4	8			
				6	7	1		
7				5		3	6	
			9					

3		1			6			
				9		1	4	3
		2						7
			5			4		1
		9	8		3		5	
7	5				2			
4		6		8		2	1	
2						8		
		3						9

10 фарқиятро ёбед



Лабиринт



Zr - металли муолиҷавӣ



Паҳлавонғуломи Юнони қадим
Танҳо, ягона.
Номи пештараи ин шаҳр Регар буд
Дини мусулмонӣ
Кушояндаи қулф.
Сарвари аскарон
Кӯл, ҳавз, обгир
Хастагӣ, монда шудан
Нидои мухлисон.
Истироҳатгоҳ дар Крим
Узви дохили инсон
Шакл, хел, навъ
Фоида, манфиат, суд.
Қайд кардан, навиштан
Аз ин ..., аз вай монда
Тамғаи сақичи беқанд.
Зебо ..., ҳунарпешаи тоҷик
Соф, тоза, беғаш.
"...-ул-анбиё"
Пойтахташ Дакка
Чечак, табхола
Қарори қатъӣ
Кушодани рӯза
Шаҳр, бандар дар Туркиё
Комиссар ... аз "Ҳаштпо"
Тамғаи мошини боркаш
Рукнҳо
Дарё дар Қазоқистон ва Русия
Гунаҳгор, осӣ
Швартснегер дар хурдӣ
Васила, восита
Ҳунаромӯз, тарбиятгиранда.
Кассиус Клей
Акс, сурат
Либоси миллии ҷопонӣ
Тими футболи артиш.
Маркази вилоят дар Ӯзбекистон
Насл, авлод, хонадон
Ҳол, чигунагӣ, тарз
«Дил»-и Гана
Муқобили нар
Воҳиди ченаки замин дар Инглистон
"... ва Ромин"
Музди кор.
Тифли ширмак
Иштирокнандаи коррида

Нимкар

Беморе ба дармонгоҳ омада, ба духтури гӯш муроҷиат менамояд:

- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, гӯшам нимкар шудааст.

- Укоҷон, одам нимкар намешавад, ё тамоман кар мешавад, ё умуман кар намешавад.

- Бовар накунед, санҷида бинед,- илтимос мекунад бемор.

Духтур ба гӯшаи кабинет рафта, бо садои паст мегӯяд:

- Ҳақи хизмат 100 сомонӣ.

Бемор мегӯяд:


- Дидед, ман ҳамагӣ 50 сомонӣ шунидам.

Ҳаёти нав

Духтур ба бемор мегӯяд:

- Шуморо табрик мекунам, дар вуҷуди шумо ҳаёти нав пайдо шудааст!

Бемор ба даҳшат омада, мегӯяд:



- Духтур, шумо чиҳо мегӯед, магар мард ҳомила мешавад?

Духтур дар ҷавоб:

- Барои кирмҳо фарқе надорад, ки шумо мард ҳастед ё зан!

Таъбири хоб

Аъробие ба муфассири хоб гуфт:

- Хоб дидам, ки аз саргини уштур таом пухта истодаам. Таъбираш чист?

- Ду динор дех, таъбирашро мегӯям!,- гуфт муфассир.

- Дунёбехабар,-гуфт аъробӣ,- агар ду динор медоштам, магар аз саргини уштур таом мепухтам?

Террорист

Аз як генерали амрикой пурсиданд:

- Террористонро афв кардан мумкин аст?

Генерал дар ҷавоб гуфт:

- Худо ӯро афв мекунад, агар хоҳад. Вазифаи мо ӯро ба наздаш фиристодан аст.

Субҳ

Марде духтарашро сарзаниш мекунад:

- Барои чӣ ба модарат гуфтӣ, ки ман қариби саҳар ба хона омадам?

Духтарак мегӯяд:

- Не, дадаҷон, ман ин тавр нагуфтам, ман ба ӯ гуфтам, ки вақте дадаам омад, ман таоми субҳона мепухтам.

Кай мурд?

Муаллими таърих аз талабае мепурсад:

- Искандари Мақдунӣ кай ва дар кучо мурд?

Талаба мегӯяд:

- Мурд? Ба Худо муаллимҷон, ман ҳатто бемор буданашро ҳам намедонистам.

Барқ

Дар як деҳаи дурдаст нозири барқ барои санҷидани нишондоди нерӯи барқи истифодакардаи як хонавода дари хонаашонро тақтақ мезанад. Дарро кампираке мекушояду мепурсад:

- Хизмат, бачам?


- Бибиҷон, барои ҳисоб кардани пули барқ омадам,- мегӯяд нозир.

Пиразан мегӯяд:

- Дар хоки пот садқа, бачам, лекин аз ҳамин барқа худат бисёртар меой.

Таҳияи Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Хизмат ба адабиёт

(Аз нақли Абдушофеъ Ҳамрозода)

Моро устод Сафар Абдулло ба хонаи устод Сотим Улуғзода барои кор бурданд. Мо ба кор оғоз кардему Сафар Абдулло гуфтанд:

- Шумо машғули кор шавед, ман барои хӯрок меравам.

Устод Убайд Рачаб, ки нав омада буданд, ба Сафар Абдулло муроҷиат карда, гуфтанд:

- Барои устод Сотим Улуғзода нос наоред, ман аллакай овардам.

Сафар Абдулло хандида, гуфтанд:

- Ин беҳтарин хизмате буд, ки шумо дар адабиёт кардед.

Дуои ҷуҳуд

Дар автобус паҳлуи мӯйсафеди нуроние нишастам, ки хушсуҳбату чақ-чақӣ буд. Вақте сухан аз доногии миллати ҷуҳуд рафт, гуфт:

- Бадтарин дуои ҷуҳуд чӣ дуо аст, медонӣ?

- Ҷуҳуд агар ба касе дуои бад карданӣ шавад, мегӯяд: «Рӯзат ба маош монад!»,- гуфтам дар посух.

- Ин дуо бадтарин дуост, писарам,- гуфт.- Вале хушбахтона ин дуо дар кишваре чун Тоҷикистон мустаҷоб намешавад ва ба ҳеҷ тоҷику тоҷикистоние асар намекунад.

- Чӣ хел ба мо асар намекунад?,- ҳайрон шуда пурсидам.

Гуфт:

- Чунки ба мо як маоше медиҳанд, ки рӯзамон бе он ҳам мегузарад.

Муаллимам ҳам муҳоҷир шуд

Дар фурудгоҳ меҳмонеро, ки нав аз муҳоҷират меомад, пешвоз гирифта, бо шӯхӣ гуфтам:

- Агар гапи муаллиматро мегирифтиву мехондӣ, имрӯз муҳоҷир намешудӣ.

Хандиду гуфт:

- Зиқ нашавед, ако. Ҳамон муаллиме, ки моро «хон» мегуфт, худаш ҳам муҳоҷир шуд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА